Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Национальный центр законодательства
при Президенте Республики Таджикистан

Қонунгузорӣ
Законодательство

№ 4 (16), 2014
октябрь - декабрь

Нашрияи мазкур дар ҳамкории муштарак бо Барномаи «Мусоидат ба давлатдории ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»-и GIZ (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилаллӣ) нашр шудааст.

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилаллӣ) барномаи мазкурро бо супориши Вазорати федералии ҳамкорӣ ва рушди Олмон (BMZ) ичро менамояд.

Хулосаҳо, ақидаҳо ва интерпретатсияҳои дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, бе ягон шарт мавқеи GIZ ё BMZ-ро инъикос наменамоянд.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯши чакана бароварда мешавад.

* * *

Данное издание публикуется совместно с Программой GIZ «Содействие правовой государственности в странах Центральной Азии».

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit(GIZ) GmbH (Германское общество по международному сотрудничеству) осуществляет эту программу по заказу Федерального министерства экономического сотрудничества и развития Германии (BMZ).

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию GIZ или BMZ.

В розничную продажу журнал поступает в ограниченном количестве.

german cooperation
DEUTSCHE ZUSAMMENARBEIT

Исполнитель:

giz Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH

Сармуҳаррир
Главный редактор
Раҳимзода Маҳмад Забир – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон
доктор юридических наук, профессор, Заслуженный деятель науки и техники Таджикистана

Ҳайати таҳририя
Редакционная коллегия

Баҳриддинзода С.Э.
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
Зоиров Ҷ.М.
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
Меликов У.А.
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
кандидат юридических наук
Менглиев Ш.
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
Муртазоқулов Ҷ.С.
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
доктор юридических наук
Саидвализода Б.С.
Муовини сардори раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи
ичроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Заместитель начальника правового управления
исполнительного аппарата РТ,
кандидат юридических наук
Селиверстов В.И.
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
ходими шоистаи илми Федератсияи Россия
доктор юридических наук, профессор
заслуженный деятель науки РФ

Муҳаррирон: М.Зайниддин
Редакторы: Таиров С.С.

Шӯрои машвараті
Редакционный совет

Худоёрзода Б.Т.
Роҳбари Дастгоҳи ичроияи Президенти ҶТ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Руководитель Исполнительного аппарата
Президента РТ
кандидат юридических наук, доцент
Давлатов Ҷ.М.
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба
масъалаҳои ҳуқуқӣ –Намояндаи ваколатдори Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси
намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Помощник Президента РТ по правовой политике-полно-
мочный представитель Президента РТ в Маджлиси Оли РТ
Салимзода Ш.О.
Прокурори генералии ҶТ
Генеральный прокурор РТ
Маҳмудзода М.А.
Раиси Суди конституцсионии ҶТ
профессор, академики АИ ҶТ
Председатель Конституционного суда РТ
профессор, академик АН РТ
А. Нусратулло
Раиси Суди Олии ҶТ
Председатель Верховного суда РТ
Мансурзода Н.М.
Раиси Суди Олии иқтисодии ҶТ
Председатель Высшего экономического суда РТ
Ализода З.
Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Уполномоченный по правам человека в РТ
кандидат юридических наук, доцент

Маҷаллаи «Қонунгузорӣ» нашрияи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, 17 декабри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 0137/мҷ ба қайд гирифта шудааст. Дар маҷалла маводи илмӣ, илмӣ-оммавӣ, таҳлилӣ, тафсирҳо ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризҳо, саволу ҷавобҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқ ва маводи дигари вобаста ба ҳуқуқ ва давлатдорӣ ба табъ мерасанд.

Ҷонибдори густариши гуногунандешӣ будани маҷалла маънои ҳамақидаи муаллифон будани ҳайати таҳририяро ифода намекунад. Масъулият барои интихоб ва дақиқии фактҳо, далелҳо ва иқтибосҳо бар дӯши муаллифон аст.

Ба дастнависҳое, ки барои нашр пешниҳод мегарданд, тақриз дода намешавад. Дастнависҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба сарчашма ҳатмист.

Журнал «Законодательство» – издание Национального Центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан – зарегистрирован 17 декабря 2010 года в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Регистрационный № 0137/мч. В журнале публикуются научные, научно-популярные, аналитические статьи, комментарии к нормативным правовым актам Республики Таджикистан, рецензии, вопросы и ответы, связанные с законодательством, а также другие материалы, относящиеся к государству и праву.

Точки зрения редакционной коллегии и авторов не всегда совпадают. Ответственность за подбор, точность фактов, цитат и данных несут авторы опубликованных материалов.

Рукописи, предоставляемые для опубликования, не рецензируются и не возвращаются.

При использовании материалов настоящего издания ссылка на источник обязательна.

МУНДАРИҶА **СОДЕРЖАНИЕ**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Дар бораи ворид намудани тағйирот ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 17 марти соли 2009, № 637 4

Указ Президента Республики Таджикистан
О внесении изменений в указ Президента Республики Таджикистан
от 17 марта 2009 года, №637 8

Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Ҳуқуқи конституцион / **Теория государства и права. Конституционное право**
М.З. Раҳимзода Конституция (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди қонунгузорӣ 12

Ҳуқуқи маъмурӣ. Ҳуқуқи ҷиноятӣ / **Административное право. Уголовное право**
Ойев Х. Контроли давлатӣ - усули роҳбарӣ ва ташкилии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, на назорат 17
Бахриддинзода С.Э. О системе мер противодействия организованной наркопреступности
в Республике Таджикистан..... 29

Ҳуқуқи граждани. Ҳуқуқи соҳибкорӣ / **Гражданское право. Предпринимательское право**
Тагаева С.Н. Основания возникновения правоотношений семейно-правовой ответственности 34
Табаров Н. Сроки предоставления исключительных прав по договору коммерческой концессии 40

Ҳуқуқи байналхалқӣ / **Международное право**
Гайбуллаева Л.И. Правовые вопросы ввоза, вывоза и возврата культурных ценностей
в Республике Таджикистан..... 47
Шарифзода Ф. Имплементация (осуществление) международно-правовых документов
в области музейного дела и защиты культурных ценностей в Республике Таджикистан..... 54

Минбари олимони чавон / **Трибуна молодых ученых**
Ҳамидов У. Тарбияи ҳуқуқии халқи тоҷик дар аҳди шӯравӣ 61
Салохидинова С.М. Правовые основы классификации прав и свобод человека и гражданина..... 68

Таҳлили қонунгузорӣ / **Анализ законодательства**
Йорг Пуделька. Регулирование предпринимательской деятельности административным правом 73
Бобоев Ҷ.Қ. Мавриди амал қарор додани қонун тибқи Конституция ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии
Ҷумҳурии Тоҷикистон 78

Таҷрибаи хориҷа / **Зарубежный опыт**
Минбалеев А.В., Георгиева Е.В. Локальное нормотворчество вуза в России:
современное состояние и проблемы правоприменения 82

Таҷрибаи судӣ / **Судебная практика**
Ҷамъбасти таҷрибаи судии парвандаҳои барои гузаронидани тафтиши иловагӣ
баргардонидашуда дар солҳои 2010-2013 ва нимсолаи аввали соли 2014 87

Тафсир / **Комментарии**
Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»..... 96

Навигариҳо дар қонунгузорӣ / **Новое в законодательстве**
Навигариҳои қонунгузорӣ дар соҳаи сохтори давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва амният 114
Навигариҳои қонунгузорӣ дар соҳаи маориф ва меҳнат 117

Консепсия / **Концепция**
Концепция развития гражданского законодательства Республики Таджикистан 120

Иттилоот / **Сообщения**
Имомов А. Академик С. А. Раджабов и его весомый вклад в развитии
общественно-политической и юридической науки 138
Мизи мудаввар бахшида ба рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 149
Мизи мудаввар дар мавзӯи «Қонунгузории соҳаи маориф ва илм» 150
Конференсияи илми-амалӣ бахшида ба ҷашни 20-солагии Конституцияи (Сарқонуни)
Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Нақши Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон
дар инкишофи қонунгузорӣ» 152

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 17 МАРТИ СОЛИ 2009, № 637

Мувофиқи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» **фармон медиҳам:**

Низомнома ва сохтори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 2009, №637 тасдиқ шудааст, дар таҳрири нав тасдиқ карда шавад (замима мегарданд).

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон **Эмомали Раҳмон**

ш. Душанбе, 27 ноябри соли 2014
№ 288

Замимаи 1
Бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 ноябри соли 2014,
№ 288 тасдиқ шудааст

НИЗОМНОМАИ
МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Муқаррароти умумӣ

1. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, (минбаъд – Марказ) муассисаи давлатии илмию таҳқиқотӣ, иттилоотию таҳлилӣ буда, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ мебошад.

2. Марказ дар фаъолияти худ Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастури амал қарор медиҳад.

3. Марказ шахси ҳуқуқӣ буда, дорои мӯҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сабти номи худ бо забонҳои давлатӣ ва русӣ, Нишони худ, мӯҳрҳои дахлдор, штампу бланкҳо бо сабти номи худ, молу мулк бо ҳуқуқи идоракунии оперативӣ, баланси мустақил ва суратҳисоби махсус буда, метавонад аз номи худ шартномаҳо баста, ҳуқуқи молу мулкӣ ба даст орад, дар суд ҳамчун даъвогар ё ҷавобгар баромад намояд.

4. Номи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:
– бо забони тоҷикӣ:
пурра: Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
мухтасар: ММҚ
– бо забони русӣ:
пурра: Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан.
мухтасар: НЦЗ

5. Суроғаи ҳуқуқии Марказ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13.

2. Вазифаҳои асосӣ

6. Вазифаҳои асосии Марказ инҳо мебошанд:

– таҳияи консепсияҳои такмили қонунгузорӣ, консепсияи лоиҳаҳои қонунҳо, пешниҳод намудани онҳо тибқи тартиби муқаррараргардида барои баррасӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таъминоти ташкилию методологии таҳияи лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ, инчунин таҳия ва татбиқи технологияҳои муосири таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ;

– таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо ташаббӯси худ;

– таҳияи пешниҳодот оид ба мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумқурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии лоиҳаи қонунҳое, ки ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд;

– таҳияи самтҳои афзалиятноки таҳқиқотқои илмию ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ;

– пешбурди фехристи ягонаи таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– гузаронидани таҳқиқотҳои илмию таҳлилӣ оид ба ҳолат, раванди инкишоф ва амалияи истифодаи қонунгузорӣ, таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили он;

– мусоидат ба инкишофи илми ҳуқуқ, пешниҳоди таклифҳо ба ташкилотҳои дахлдор оид ба мавзӯъҳои таҳқиқотӣ дар соҳаи ҳуқуқ;

– таҳияи тавсияҳо дар бораи истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва мусоидат ба татбиқи амалии онҳо;

– таҳия намудани лоиҳаҳои нақшаҳои мавзӯъҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва бо тартиби муқаррараргардида пешниҳод намудани онҳо ба мақомоти дахлдор;

– гузаронидани таҳқиқотҳои муқоисавию ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– бо мақсади мураттабсозии қонунгузорӣ, дар асоси гузаронидани инвентаризатсияи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, тайёр кардани пешниҳоду таклифҳо барои ба танзим даровардани он;

– ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои илмӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ оид ба инкишофи таҳқиқотҳои илмӣ ва тайёр намудани мутахассисони соҳаҳои ҳуқуқ, дигар шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин шахсони воқеӣ оид ба масъалаҳои ба Марказ вогузоргардида;

– иштирок дар иҷрои барномаҳо ва лоиҳаҳои илмии давлатӣ ва байнидавлатӣ, амалӣ намудани ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ба Марказ вогузоргардида;

– таъмини фаъолият, инкишофи низоми давлатии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастрасии бемамониати он ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳо ва аҳолӣ;

– фаҳмондадиҳии муқаррароти асосии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– такмил ва коркарди истилоҳоти ҳуқуқӣ ба забони давлатӣ ва ҳангоми зарурият тарҷумаи он ба забонҳои хориҷӣ;

– таҳия ва интишори тафсири илмию амалии кодексҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин маводҳои ҳуқуқӣ, иттилоотию таҳлилӣ ва фурӯши онҳо;

– тибқи қонунгузорӣ ба роҳ мондани таъсиси нашрияи чопӣ ва фаъолияти нашриявӣ;

– бо мақсади баланд бардоштани сатҳи малакаи тахассусии илмии кормандони Марказ, бо истифода аз грантҳои байналмилалӣ ва дастгирии молиявии муассисаву ташкилотҳои маҳаллӣ ва байналмилалӣ, ба роҳ мондани бозомӯзии илми-амалии онҳо дар кишварҳои дигар;

– амалӣ намудани амалиётҳо вобаста ба ташкил ва пешбурди сомона дар интернет;

– таъсиси китобхонаи электронии ҳуқуқӣ ва махзани маълумоти ҳуқуқӣ;

– иштирок дар ташкил ва амалинамоии мубодилаи байнидавлатии иттилооти ҳуқуқӣ;

– тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои дигарро анҷом медиҳад.

7. Барои амалӣ намудани вазифаҳои худ Марказ ҳуқуқ дорад:

– бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мақомоти давлатӣ, дигар ташкилотҳо ва шахсони ҳуқуқӣ ҳуҷҷатҳоеро, ки барои фаъолияташ заруранд дархост намояд ва гирад;

– дар асоси муроҷиати мақомоти давлатӣ тибқи шартнома лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар маводҳои ҳуқуқиро таҳия намояд;

– дар доираи салоҳияти худ бо мақомоти давлатӣ, дигар ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ, инчунин бо мақомот ва ташкилотҳои давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ шартномаҳо бандад;

– бо иттиҳодияҳо ва ассотсиатсияҳо, дигар марказҳо ва институтҳои хориҷӣ робитаҳои илмӣ ба роҳ монад;

– барои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гуруҳҳои корӣ таъсис диҳад ва дар мувофиқа бо роҳбарони мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо кормандони онҳоро ба ин гуруҳҳои корӣ шомил намояд;

– конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, семинарҳо ва мизҳои мудавварро оид ба проблемаҳои актуалии сиёсати ҳуқуқӣ, давлатдорӣ ва такмили қонунгузорӣ гузаронад;

– дар асоси созишнома ва шартнома ташкил ва гузаронидани курсҳои бозомӯзии соҳаҳои гуногуни қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳ монад;

– тибқи қонунгузорӣ аспирантура ва докторантураро таъсис медиҳад.

3. Сохтор ва идоракунии Марказ

8. Низомнома ва сохтори Марказ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

9. Роҳбари Марказ Директор мебошад, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

10. Муовини аввал ва муовини Директор бо пешниҳоди Директори Марказ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

11. Директори Марказ:

– дар доираи шумораи воҳидҳои муқаррарнамуда ва тибқи сохтори тасдиқгардида, басти вазифаҳо ва харҷномаи Марказро тасдиқ мекунад;

– вобаста ба иҷрои вазифаҳои ба зиммаи Марказ гузошташуда масъулияти шахсӣ дошта, вазифаҳои муовинони худ ва роҳбарони воҳидҳои сохтории Марказро муқаррар менамояд;

– кормандони Марказро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

– аз номи Марказ бе пешниҳоди ваколатнома баромад менамояд, манфиатҳои онро дар муносибат бо мақомоти давлатӣ, дигар ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ, инҷунин бо мақомот ва ташкилотҳои давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ҳимоя менамояд;

– аз номи Марказ шартномаҳо мебандад;

– дар доираи ваколатҳои худ фармонҳо қабул менамояд, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи кормандони Марказ ҳатмӣ мебошад;

– басти вазифаҳо ва ҳайати маъмурию идоракунии Марказро ташкил намуда, тибқи тартиботи муқарраршуда функсия ва вазифаҳои онҳоро муайян месозад;

– Низомномаи Шӯрои илмии Марказро тасдиқ менамояд;

– дигар салоҳиятҳоро, тибқи ҳамин Низомнома ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

12. Дар Марказ Шӯрои илмӣ созмон дода мешавад. Раиси Шурои илмӣ Директори Марказ мебошад. Ба ҳайати Шӯрои илмӣ муовинони Директор, котиби илмӣ, олимони Марказ, инчунин олимони Академияи илмҳо, мактабҳои олӣ ва вазорату идораҳои дахлдори кишвар дохил мегарданд.

13. Шӯрои илмии Марказ самтҳои асосии фаъолияти илмӣ таҳқиқотиро муайян месозад, нақшаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотии Марказ, барномаҳои корҳои илмӣ, усулҳои тадқиқоти мавзӯъ ва проблемаҳои муҳимтаринро баррасӣ ва тасдиқ менамояд, натиҷаҳои корҳои илмиро баррасӣ намуда, ба онҳо баҳо медиҳад, барои дар амал ҷорӣ кардани хулосаҳо пешниҳод менамо-

яд, масъалаҳои тарбия ва бозомӯзонидани кадрҳо, такмили ихтисоси онҳоро баррасӣ менамояд, олимони Марказро тибқи тартиби муқарраргардида барои гирифтани унвонҳои фахрӣ ва мукофотҳои давлатӣ пешбарӣ менамояд.

14. Раиси Шӯрои илмии Марказ роҳбарони мавзӯъҳои илмӣ - таҳқиқотиро таъин мекунад.

15. Дар давраи набудани Директори Марказ вазифаҳояшро бо супориши ӯ яке аз муовинонаш иҷро мекунад.

4. Моликият ва фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ

16. Маблағгузории фаъолияти Марказ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва дигар манбаъҳое, ки қонугузорӣ манъ накардааст, амалӣ карда мешавад.

17. Молу мулки Марказ аз фондҳои асосӣ ва маблағҳои гардон, инчунин аз дигар ашё, ки арзиши онҳо дар тавозуни мустақили он сабт гардидааст, иборат мебошад.

5. Баҳисобгирӣ,ҳисоботдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳӣ

18. Марказ баҳисобгирии муҳосибавӣ ва омориро пешбурд намуда, мувофиқи тартиби муқарраргардида ҳисобот пешниҳод менамояд.

19. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Марказ мувофиқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Замимаи 2
Бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 ноябри соли 2014,
№ 288 тасдик шудааст

Сохтори
Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рохбарият:
Шӯъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, мақомотӣ судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ
Шӯъбаи қонунгузории граждани, соҳибкорӣ ва оилавӣ
Шӯъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоӣ
Шӯъбаи қонунгузорӣ оид ба молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ
Шӯъбаи қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист
Шӯъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ
Шӯъбаи иттилооти ҳуқуқӣ ва мураттабсозӣ
Бахши молия ва муҳосибӣ
Бахши кадрҳо ва коргузорӣ

УКАЗ
ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

О ВНЕСЕНИИ ИЗМЕНЕНИЙ
В УКАЗ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТ 17 МАРТА 2009 ГОДА, №637

В соответствии со статьей 42 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» **постановляю**:

Положение и структуру Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, утвержденные Указом Президента Республики Таджикистан от 17 марта 2009 года, №637 утвердить в новой редакции (прилагаются).

Президент
Республики Таджикистан **Эмомали Рахмон**

г. Душанбе, 27 ноября 2014 года
№ 288

Приложение 1
Утверждено
Указом Президента
Республики Таджикистан
от 27 ноября 2014 года,
№ 288

Положение
о Национальном центре законодательства
при Президенте Республики Таджикистан

1. Общие положения

1. Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан (далее – Центр) является научно-исследовательским, информационно-аналитическим государственным учреждением, подчиненным Президенту Республики Таджикистан.

2. Центр в своей деятельности руководствуется Конституцией Республики Таджикистан, законами Республики Таджикистан, настоящим Положением, иными нормативными правовыми актами Республики Таджикистан, а также международными правовыми актами, признанными Республикой Таджикистан.

3. Центр является юридическим лицом, имеет печать с изображением Государственного герба Республики Таджикистан со своим наименованием на государственном и русском языках, свою Эмблему, штампы и бланки со своим наименованием, имущество на правах оперативного управления, самостоятельный баланс и специальный счет, может от своего имени заключать договора и приобретать имущественные права и выступать в суде как истец или ответчик.

4. Название Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан:

– на таджикском языке:

полное: Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (сокращенно: ММҚ)

– на русском языке:

полное: Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан (сокращенно: НЦЗ)

5. Юридический адрес Центра: Республика Таджикистан, 734024, г. Душанбе, улица академика Адхамова,13.

2. Основные функции

6. Основными функциями Центра являются:

– разработка концепций совершенствования законодательства и концепций проектов законов, внесение их в установленном порядке на рассмотрение Президенту Республики Таджикистан и Правительство Республики Таджикистан;

– организационно-методологическое обеспечение подготовки проектов законодательных актов, а также разработка и внедрение передовых технологий подготовки проектов нормативных правовых актов;

– разработка по поручению Президента Республики Таджикистан, Правительства. Республики Таджикистан и по своей инициативе проектов законов, других нормативных правовых актов, а также международных правовых актов;

– разработка предложений по приведению нормативных правовых актов в соответствие с Конституцией Республики Таджикистан, законами Республики Таджикистан, актами Президента Республики Таджикистан, международными правовыми актами, признанными Республикой Таджикистан;

– проведение по поручению Президента Республики Таджикистан и Правительства Республики Таджикистан правовой экспертизы проектов законов, вносимых на рассмотрение Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан;

– разработка приоритетных направлений научно-правовых исследований в правотворческой деятельности;

– ведение единого реестра научных исследований в области права в Республике Таджикистан;

– проведение научно-аналитических исследований о состоянии, тенденций развития и практики применения законодательства, разработка предложений по его совершенствованию;

– содействие развитию юридической науки, представление соответствующим организациям предложений по тематикам исследования в области права;

– разработка рекомендаций по использованию результатов научных исследований в области правотворческой деятельности и содействие их практическому внедрению;

– разработка проектов планов научно-исследовательских тем и представление их в установленном порядке соответствующим органам;

– проведение сравнительно-правовых исследований законодательства Республики Таджикистан с законодательствами иностранных государств и международными правовыми актами, признанными Республикой Таджикистан;

– с целью систематизации законодательства, на основе проведения инвентаризации законодательства Республики Таджикистан, разработка предложений по его упорядочению;

– сотрудничество с государственными органами, научными организациями, учреждениями высшего образования относительно развития научных исследований и подготовки специалистов в области права, другими физическими и юридическими лицами Республики Таджикистан, иностранных государств и с международными организациями по вопросам, возложенным на Центр;

– участие в выполнении государственных и межгосударственных научных программ и проектов, осуществление международного сотрудничества по вопросам, возложенных на Центр;

– обеспечение деятельности, развитие государственной информационно-правовой системы Республики Таджикистан и беспрепятственного доступа к ней органов государственной власти, организаций и населения;

– разъяснение основных положений действующего законодательства Республики Таджикистан;

– подготовка и публикация комментариев к кодексам, другим нормативным правовым актам, а также иных правовых и информационно-аналитических материалов и их реализация;

– в соответствии с законодательством создание печатного органа и организация печатной деятельности;

– с целью повышения уровня специализированных научных навыков сотрудников Центра, осуществление их научно-практической переподготовки в других странах с использованием международных грантов и финансовой поддержки местных и международных организаций;

– осуществление организации и ведения веб - сайта в сети Интернет;

– организация правовой электронной библиотеки и базы данных правовой информации;

– участие в создании и деятельности межгосударственного обмена правовой информацией;

– осуществление иных полномочий в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

7. Для осуществления своих функций Центр имеет право:

– в установленном законодательством Республики Таджикистан порядке запрашивать и получать от государственных органов, иных организаций и юридических лиц документы, необходимые для осуществления своей деятельности;

– на основании обращений государственных органов на договорной основе разрабатывать проекты нормативных правовых актов и других правовых материалов;

– заключать в пределах своей компетенции договоры с государственными органами, иными организациями и физическими лицами, а так-же с органами и организациями иностранных государств, международными организациями;

– устанавливать научные связи с объединениями и ассоциациями, другими зарубежными центрами и институтами;

– для разработки проектов нормативных правовых актов создавать рабочие группы и по согласованию с руководителями государственных органов и других организаций включать в эти рабочие группы их сотрудников;

– проводить международные и республиканские конференции, семинары, круглые столы, относящиеся к актуальным проблемам правовой политики, государственности и совершенствования законодательства;

– на основании соглашений и договоров организовывать и проводить курсы изучения и переподготовки по различным направлениям законодательства Республики Таджикистан;

– В соответствии с законодательством учреждать аспирантуру и докторантуру.

3. Структура и управление Центра

8. Положение и структура Центра утверждается Президентом Республики Таджикистан.

9. Руководителем Центра является Директор, назначаемый на должность и освобождаемый от должности Президентом Республики Таджикистан.

10. Первый заместитель и заместитель Директора по представлению Директора Центра назначаются на должность и освобождаются от должности Президентом Республики Таджикистан.

11. Директор Центра:

– утверждает штатное расписание и смету расходов Центра в пределах установленной штатной численности и в соответствии с утвержденной структурой;

– несет персональную ответственность за исполнение функций, возложенных на Центр, распределяет обязанности своих заместителей и руководителей структурных подразделений Центра;

– назначает на должность и освобождает от должности работников Центра;

– действует без доверенности от имени Центра, представляет его интересы в отношениях с государственными органами, иными организациями и физическими лицами, а также с органами и организациями иностранных государств, международными организациями;

– заключает договора от имени Центра;

– издает приказы в пределах своей компетенции, исполнение которых обязательны для всех работников Центра;

– формирует административно-управленческий персонал, в установленном порядке определяет их функции и обязанности;

– утверждает Положение об Ученом совете Центра;

– осуществляет иные полномочия в соответствии с настоящим Положением и законодательством Республики Таджикистан.

12. В Центре образуется Ученый совет. Председателем Ученого совета является Директор Центра. В состав Ученого совета входят заместители Директора, научный секретарь, ученые Центра, а также ученые Академии наук, высших учебных заведений и соответствующих министерств и ведомств страны.

13. Ученый совет Центра определяет основные направления научно-исследовательской деятельности, рассматривает и утверждает планы научно-исследовательских работ Центра, про-

граммы научных работ, методики исследования по важнейшим темам и проблемам; рассматривает результаты научных работ, дает им оценку; вносит предложения по практическому внедрению заключений; рассматривает вопросы подготовки и переподготовки кадров, повышения квалификации; в установленном порядке выдвигает ученых Центра для присуждения почетных званий и государственных наград.

14. Председатель Ученого совета Центра назначает руководителей научных тем и исследовательских групп.

15. В период отсутствия Директора Центра по его поручению его обязанности исполняет один из его заместителей.

4. Имущество и финансово-хозяйственная деятельность

16. Финансирование деятельности Центра осуществляется за счет средств республиканского бюджета и других источников, не запрещенных законодательством.

17. Имущество Центра состоит из основных фондов и оборотных средств, а также других предметов, стоимость которых включена в самостоятельный баланс.

5. Учет, отчетность, преобразование и прекращение деятельности

18. Центр ведет бухгалтерский и статистический учет и в установленном порядке предоставляет отчетность.

19. Преобразование и прекращение деятельности Центра осуществляется в порядке, установленном законодательством Республики Таджикистан

Приложение 2
Утверждено
Указом Президента
Республики Таджикистан
от 27 ноября 2014 года,
№ 288

Структура
Национального центра законодательства
при Президенте Республики Таджикистан

Руководство:

Отдел законодательства по государственному устройству, судебным и правоохранительным органам

Отдел гражданского, предпринимательского и семейного законодательства

Отдел законодательства по труду, миграции и социальной защите

Отдел финансового, налогового, таможенного законодательства и банковской деятельности

Отдел аграрного, природоресурсного и экологического законодательства

Отдел международного права

Отдел правовой информации и систематизации

Сектор финансов и бухгалтерии

Сектор кадров и делопроизводства

М.З. Раҳимзода
Директори Маркази милллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор

КОНСТИТУТСИЯИ (САРҚОНУНИ) ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РУШДИ ҚОНУНГУЗОРӢ

Калидвожаҳо: *конституцсия, қонунгузорӣ, қонун, инкишоф, марҳила.*
Ключевые слова: *конституция, законодательство, закон, развитие, этапы.*
Keywords*: constitution, legislation, law, development stages*

Бист сол муқаддам Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул, рушд ва дурнамои қонунгузории кишварамонро муайян намуд. Чунин иқдом бо назардошти шароити нави давлатдорӣ ва муайян намудани дурнамои инкишофи он зарур буд. Зеро баъди соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти гузариш аз як сохти иҷтимоӣ ба сохти иҷтимоии дигар, куллан дигаргуншавии муносибат ва арзишҳои нави ҷомеъа зарурияти мувофиқгардонии сохтори давлатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии он ба шароити нави рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва давлатдорӣ ба миён омад. Ҳамзамон принсип ва меъёрҳое, ки дар Конституцсия ифода ёфтаанд заминаи инкишофи низоми ҳуқуқии кишварро муайян намуда, волоияти онро нисбат ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар намуд. Қабули Конституцсия ҳамчун Қонуни асосӣ ва ядрои низоми ҳуқуқи кишвар зарурияти таҳияи механизми таъмини ҳуқуқии нави идоракунии ҷомеъа ва интихоби воситаҳои ҳуқуқии баамалбарории онро таҳозо намуд. Аз ҷониби дигар ба даст овардани истиқлолият ва воридшавии Тоҷикистон ба фазои озоди сиёсӣ ва иқтисодӣ бе мавҷудияти қонунгузории мукаммал, босифат ва самараноке, ки ба асосҳои конституцсионии демократия ва санадҳои байналмилалии Тоҷикистон эътирофнамуда такья менамояд, номумкин буд. Тибқи моддаи 10 Конституцсия ба қонунгузории ҶТ Конституцсия, қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ дохил мешаванд. Бо дарназардошти нишондоди талаботи Конституцсия низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” мушаххас карда шуда, ба онҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин дохил карда шуданд:

– Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудаанд;
– санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон;
– қонунҳои конституцсионӣ;
– кодексҳо, қонунҳо;
– қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– фармоишҳои вазоратҳо ва дигар мақомоти давлатӣ, инчунин қарорҳои кумитаҳои давлатӣ;
– қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;
– қарорҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;
– қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳрҳо ва ноҳияҳо;

– қарорҳои раисони шаҳрҳо ва ноҳияҳо;
– қарорҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (Моддаи 7).

Аз мавриди Қабули Конституцсия (Сарқонуни) нави Тоҷикистон, ки асос ва дурнамои инкишофи қонунгузориро муайян намуд, қабули қонунҳо бо мақсади таҳкими давлатдории навини тоҷикон ва танзими муносибатҳои муосири ҷамъиятӣ оғоз гардид. Конституцсия ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии эътибори олии ҳуқуқӣ дошта (моддаи 10 – и Конституцсия) пазируфта шуда, асоси ташаккул ва рушди низоми ҳуқуқии амалкунанда эътироф карда шуд. Меъёрҳои он характери бевоситаи амалкуниро гирифта, дар асоси он дигар санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳо ва шаҳрвандон қабул ва дар сурати мухолифати онҳо амали меъёрӣ Конституцсия таъмин карда шуд.

Сарқонун давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ будани Тоҷикистонро эътироф намуда, асосҳои сохтори конституцсионӣ, ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ваколати Маҷлиси Олӣ (парламент), Президент, Ҳукумат, ҳокимияти маҳаллӣ, суд ва прокуратураро муайян намуд. Дар асоси Конституцсия барои таҷзияи рукнҳои давлат ва ташаккули давлати соҳибистиқлол шароити мусоид фароҳам омад. Ҳамзамон таҷзияи ҳокимият дар сатҳи Конституцсияи мамлакат ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ муайян гардид. Конституцсия арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон, дахлнопазирии ҳуқуқи фитрӣ, аз ҷумла ҳаёт, қадр , номус ва дигар ҳуқуқҳои инсониро эълон карда, давлатро масъул месозад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз намояд. Бо назардошти дурнамоии инкишофи кишвар Конституцсияи Тоҷикистон шаклҳои гуногуни моликиятро ба сифати асоси иқтисодиёти кишвар эътироф намуда, озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, инчунин баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат дод. Конституцсия инкишофи ҳаёти ҷамъиятиро дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ эълон кард ва ҳуқуқи шаҳрвандонро дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иштирокашонро дар фаъолияти онҳо дарҷ намуд.

Бояд зикр намоем, ки нисбатан устувор ва доимӣ будани меъёрҳои Контитутсия барои ташаккул ва инкишофи қонунгузории Тоҷикистон марҳила ба марҳила шароит муҳайё намуд. Ҳамзамон ташаккул ва инкишофи қонунгузории Тоҷикистон роҳи мураккабро аз қабули Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 ва тағйиру иловаҳои минбаъда ба онро (аз 26 сентябри соли 1999 ва 22 июни соли 2003) дар бар гирифт. Аз ин ҷо вобаста ба қабул ва тағйиру иловаҳои минбаъдаи Конституцсия (Сарқонун) инкишофи қонунгузории кишварамонро ба се марҳила ҷудо намудан мумкин аст.

1. Аз 6 ноябри соли 1994 то 26 сентябри соли 1999.
2. Аз 26 сентябри соли 1999 то 22 июни соли 2003.
3. Аз 22 июни соли 2003 то ба ҳол.

Хусусияти характерноки қонунҳои дар давраи аввал қабулшуда аз он иборат буд, ки тибқи онҳо асоси сохтори конституцсионии кишвар, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, низоми судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандон мустаҳкам карда шуда, танзими сифатан якхелаи муносибатҳои ҷамъиятӣ таъмин ва барои танзими муносибатҳои навини сиёсӣ, иқтисодию ичтимоии ба миёномада шароит муҳайё карда шуд. Танзими муносибатҳои уфуқӣ ва амудии иқтисоди бозорӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ, пайваста амалӣ карда шуда, танзими муносибатҳои меҳнатӣ, манзилӣ ва оилавӣ ба роҳ монда шуд. Аз як тараф ба инкишофи муносибатҳои бозории уфуқӣ ба монанди; хариду фурӯши давлатии мол, кор ва хизмат, фаъолияти аудитӣ, муҳосибӣ, муносибати байни бонкҳо, байни бонкҳо ва мизоҷон, муносибатҳои баробари меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ба воситаи судҳои иқтисодӣ шароит муҳайё карда шуда, аз тарафи дигар танзими давлатии муносибатҳои бозорӣ ба воситаи стандартикунонӣ, маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ, танзим ва назорати асъор, инчунин ба воситаи омилҳои муҳими таъсиррасонӣ ба монанди андоз ва пардохт пурзӯр карда шуд. Дар ин ҷода баъди қабули Конституцсия бо мақсади танзими фаъолияти соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ тибқи нишондоди Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила қонунҳои конституцсионӣ ва дигар қонунҳо, қабул карда шуданд. Аз он ҷумла: қонунҳои Конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон; «Дар бораи Суди Конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (3.11.1995); «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

(4.11.1995); «Дар бораи райъпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (4.11.1995); «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (4.11.1995); Кодекси мурофиавӣ хоҷагӣ (2.11.95), Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (13.12.1996); Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (15.05.97); Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон (12.12.1997); Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21.05.1998); Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (13.11.1998); Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон (13.11.1998); Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (12.11.98), Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 ва 2 (30.06.1999), қонунҳои ҶТ «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» (2.11.95); «Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизмат» (12.12.96); «Дар бораи консессияҳо» (16.05.97); «Дар бораи монополияҳои табиӣ» (12.12.97); «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» (22.05.98); «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» (23.05.98); «Дар бораи ҳисоби бухгалтерӣ» (14.05.99) ва ғайраҳо.

Бояд қайд намоем, ки бо баробари ворид намудани тағйирот аз тариқи райпурсии умумихалқӣ 26 сентябри соли 1999 ба Конституция (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи дуйюми инкишофи қонунгузории кишвар сурат гирифт. Дар натиҷаи чунин ислоҳоти конституционӣ ҷиҳати таъсиси Маҷлиси Олии (Парламенти) дупалатагӣ асос гузошта шуда, салоҳияти якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, инчунин салоҳияти ҳар яке аз маҷлисҳо дар алоҳидагӣ муайян гардид. Ҳамзамон тибқи тағйиру иловаҳои воридгардида ба ҳизбҳои сиёсӣ барои ба вакилӣ ва ба президентӣ пешниҳод намудани номзадҳояшон имконият дода шуда, инчунин ба шаҳрвандон бо тариқи худпешбарӣ дар интихобот ширкат намудан раво дониста шуд. Бо мақсади таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ, Шӯрои адлия таъсис дода шуда, минбаъд таъин ва аз мансаб озод намудани судяҳо аз ҷониби Президент бо пешниҳоди он сурат гирифт.

Дар натиҷаи чунин дигаргунӣ дар самти ҷараёни баррасии лоиҳаи қонунҳо тартиби комилан нав ба роҳ монда шуд, ки аз принсипҳои фаъолияти намояндагӣ ва қонунгузории Маҷлиси Олии пешина тафовути ҷиддӣ дошт. Акнун қонунҳоро Маҷлиси намояндагон бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилон қабул намуда, Маҷлиси миллӣ бошад бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои худ онро ҷонибдорӣ менамояд ва дар мавриди дастгирӣ наёфтани он аз ҷониби Маҷлиси миллӣ қонун такроран дар Маҷлиси намояндагон баррасӣ карда мешавад. Дар сурати бо қарори Маҷлиси миллӣ норозӣ будани Маҷлиси намояндагон, қонун ҳамон вақт қабулшуда ҳисоб мешавад, ки агар Маҷлиси намояндагон онро такроран бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон тасдиқ намояд.

Қонунҳои конституционӣ бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Маҷлиси намояндагон қабул мегарданд ва Маҷлиси миллӣ бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои худ ҷонибдорӣ мекунад. Дар сурати бо Қарори Маҷлиси миллӣ норозӣ будани Маҷлиси намояндагон, қонуни конституционӣ ҳамон вақт қабулшуда ҳисоб мешавад, ки агар Маҷлиси намояндагон онро такроран бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон тасдиқ намояд (моддаи 61 Конституция). Қонунҳо дар бораи буҷети давлатӣ ва афв танҳо аз ҷониби Маҷлиси намояндагон қабул карда мешаванд (моддаи 60 Конституция).

Қонунҳо барои имзо ва интишор ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд. Агар Президент ба Қонун ё қисми он розӣ набошад, қонунро дар муддати понздаҳ рӯз бо далелу эродҳо ба Маҷлиси намояндагон бармегардонад. Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо тартиби муқарраркардаи Конституция қонуни мазкурро такроран баррасӣ менамоянд. Дар сурати баррасии такрорӣ қонун дар матни пештар қабулшудааш бо аксарияти аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дастгирӣ ёбад, пас Президент дар муддати даҳ рӯз ба қонун имзо мегузорад ва он интишор карда мешавад.

Агар Президент қонуни конституционириро баргардонад, Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ бо тартиби муқарраркардаи Конституция қонуни мазкурро такроран баррасӣ менамоянд. Дар сурати баррасии такрорӣ қонуни конституционӣ дар матни пештар қабулшудааш бо аксарияти аз чор се ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон тасдиқ шавад, Президент дар муддати даҳ рӯз ба қонуни конституционӣ имзо мегузорад ва он интишор карда мешавад (моддаи 62 Конституция).

Ворид намудани тағйиру иловаҳои зиёде ба Конституция зарурияти қабули қонунҳои нав ва такмили қонунгузориро дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ба миён овард. Аввалин Маҷлиси доимоамалкунандаи кишвар (МН МО) дар марҳилаи мазкур пеш аз ҳама қонунҳоеро таҳия ва баррасӣ намуд, ки фаъолияти ҳар се шохаи ҳокимияти давлатиро ба танзим даровардaнд. Қонунҳои конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (19.04.2000), «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (06.08.2001), ки фаъолияти мақомоти олии қонунгузорро ба танзим медароранд, аз нав таҳия, баррасӣ ва қабул карда шуда, инчунин Қонуни конституцсиоии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (12.05.2001), Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (06.08.2001), аз ҷумлаи аввалин қонунҳое буданд, бо назардошти талаботи нави Сарқонуни кишвар қабул карда шуданд. Ҳамзамон қабули Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (6.08.2001), Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (29.11.2000), қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» (6.08.2001), «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияташ маҳдуд» (10.05.2002), «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон» (10.05.2002), «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (6.12.2002), «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» (22.04.2003), «Дар бораи сирри давлатӣ» (22.04.2003) ва як қатор қонунҳои дигар дар ҳамин давра сурат гирифт.

Марҳилаи сеюми инкишофи қонунгузории Тоҷикистон баъди ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конституция аз 22 июни соли 2003 оғоз гардид. Дар марҳилаи мазкур тағйироту иловаҳои вориднамуда ба Конституция вобаста ба арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва бевосита амалӣ шудани онҳо, инчунин мазмун, мақсад ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, маҳаллӣ ва мақомоти худидоракнии маҳаллиро муайян кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин гардидани онҳо (моддаҳои 5, 14), мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф карда шавад (моддаи 8), ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ барои ташаккул ва ифодаи иродаи халқ мусоидат мекунанд ва дар ҳаёти сиёсӣ иштирок менамоянд (моддаи 28) тартиби пеш аз муҳлат ихтиёран пароканда шудани Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон муайян карда шуд (моддаи 63), инчунин як қатор тағйиру иловаҳои дигаре, ки ворид карда шуд ба рушди қонунгузории кишвар сурат бахшид. Дар марҳилаи мазкур танзими ҳуқуқии муносибатҳои моддӣ бо меъёрҳои мурофиавии нав таъмин карда шуданд. Кодексҳои мурофиавии дар замони Шӯравӣ қабулкардашуда, ки ба онҳо минбаъд тағйиру иловаҳо ворид карда шуда буданд, бо дарназардошти муносибатҳои нави моддии амалкунанда аз нав қабул гардиданд. Ҳамзамон ҳифзи ғайрисудии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ ба воситаи судҳои ҳакамӣ ба роҳ монда шуд. Дар ин марҳила қабули қисми зиёди қонунҳои характери хусусию оммавӣ, моддию мурофиавӣ дошта ба анҷом расонида шуда, ба қонунгузории амалкунанда тағйиру иловаҳои зиёде ворид карда шуданд. Қобили қайд аст, ки дар ин давра ба Кодификатсияи муносибатҳои ҷамъиятӣ суръат бахшида шуда, 11 Кодекси нав қабул ё дар тахрири нав қабул карда шуданд. Дар натиҷа, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (3.12.2004), қисми 3-юми Кодекси граждани (1.03.2005), Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (5.03.2007), Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (31.12.2008), Кодекси мурофиавӣ граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (5.01.2008), Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурофиаи иқтисодӣ» (5.01.2008), Кодекси мурофиавӣ ҷиноятӣ (3.12.2009) Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон (2.08.2011), Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28.12.2012) Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (17.09.2012), Кодекси мурофиаи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.07.2013) қабул карда шуданд. Ҳамзамон қонунҳои конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» (17.05.2004), Дар бораи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (30.07.07), «Дар бораи хизмати давлатӣ» (5.03.2007), инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» (5.01.2008), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» (20.03.2008),

қабули қонунҳое, ки низоми молиявию қарзиро ба танзим медароранд, ба монанди қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи молия, хазинадорӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурд, инчунин қонунҳое, ки шакли ташкилию ҳуқуқии субъектҳои хоҷагиро ба танзим медароранд, ба монанди: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Корхонаҳои давлатӣ (28.02.2004), «Ҷамъиятҳои саҳомӣ» (5.03.2007), «Ташкилотҳои маблағгузории хурд» (16.04. 2012), «Дар бораи Кооперативҳо» (22.07.2013) ва ғайраҳо, инчунин як қатор қонунҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятиро танзимкунанда қабул карда шуданд.

Ҳамин тавр дар тӯли 20 соли баъди қабули Конституция барои амалӣ намудани нишондоди он зиёда аз 350 қонуни мукаммал қабул ва мавриди амал қарор дода шуда, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии зиёде ба тасвиб расонида шуданд, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ қабул карда шуданд, ки танзими ҳуқуқии муносибатҳои навини ҷомеаро ба роҳ монда, барои бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд, устувор гардонидани рукнҳои асосии давлатдорӣ, асосҳои сохтори конституционӣ ва идоракунии давлатӣ, барқарор намудани асосҳои сохти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар кишварамон шароити комилан мувофиқ ба миён оварданд. Бо ҳамин восита фазои муносибатҳои ҷамъиятӣ зери назорати меъёрҳои ҳуқуқӣ қарор гирифт.

Аннотатсия

Конституция (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди қонунгузорӣ

Дар мақола сухан дар бораи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конституцияи (Сарқонуни) он меравад. Дар он марҳилаҳои инкишофи қонунгузории Тоҷикистон вобаста ба қабул ва тағйиру иловаҳои воридкардашуда ба Конституция мавриди гузориш қарор дода шудааст.

Аннотация

Конституция Республики Таджикистан и развитие законодательства

В статье рассматриваются вопросы развития законодательства Республики Таджикистан и соответствие его Конституции. В ней анализируются этапы развития законодательства Таджикистана в зависимости от принятия и последующих внесений изменений и дополнений в Конституцию.

Annotation

The Constitution of the Republic of Tajikistan and the development of legislation

The article examines the development of the legislation of the Republic of Tajikistan in accordance with the Constitution. Analyzes the stages of development of the legislation of Tajikistan according to the adoption and subsequent amendments and additions to the Constitution.

Ойев Холмаҳмад
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конституцсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

КОНТРОЛИ ДАВЛАТӢ – УСУЛИ РОҲБАРӢ ВА ТАШКИЛИИ МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ, НА НАЗОРАТ

Калидвожаҳо: *контрол, назорат, мақомоти давлатӣ. парлумон, президент, ҳукумат, суд, прокурутура, ҳокимият, иҷроия, дастгоҳ, қонунгузор, ҳуқуқ, қонуният, салоҳият, кафолат, функсия, вазифаҳо, мушоҳида, ревизия, юрисдиксия, давлат, шаҳрванд.*

Ключевые слова: *контроль, надзор, государственный орган, парламент, президент, правительство, суд, прокуратура, власть, исполнительный аппарат, законодатель, право, законность, полномочия, гарантии, функция, задача, наблюдение, ревизия, юрисдикция, государство, гражданин.*

Keywords*: inspaction, control, state organ, parliament, president, government, court, public prosecutor's office, power, executive, device, legistlation, right, legality, authorities, warranties, function, problem, observation, auditing, jurisdiction, state, person.*

Контрол ва назорат яке аз функсияи идоракунии давлатӣ маҳсуб мешаванд, ки онҳо нақши асосиро дар таъмини қонуният ва интизом дар соҳаи идоракунии давлатӣ мебозанд. Ба ибораи дигар контрол ва назорат фишангҳои асосии таъмини қонуният ва интизом дар соҳаи идоракунии давлатӣ мебошанд.

1. Контроли давлатӣ – яке аз функсияи идоракунии давлатӣ, шакл ва усули ташкили фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ маҳсуб шуда, он на танҳо фишанги асосии тарзи таъмини қонуният ва интизом, инчунин усули таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар низоми идоракунии давлатӣ маҳсуб мешавад.

Контрол ин низом ин силсилаи мушоҳида ва санҷишҳои раванди фаъолияти объекти идоракунӣ бо мақсади берун (дур) нарафтани он аз доираи вазифаҳо, салоҳиятҳо ва нақшаҳои худ мебошад, ки ҳангоми берун баромадани мақомоти идоракунии давлатӣ аз доираи вазифаҳояш мумкин аст манфиатҳои оммавӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандонро поймол кунад ва ё ҳодисаҳои коррупсиониро тавлид намояд.

Зимнан ёдрас менамоем, ки мафҳумҳои контрол ва назорат дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон[1] ҳамчун мафҳумҳои баробарвазн ифода шуда, дар як радиф гузошта шудаанд, вале ин ду мафҳум аз лиҳози моҳият, таинот, мақсадҳо, шаклҳо ва намудҳои татбиқшавӣ аз ҳамдигар фарқи куллӣ доранд.

Моҳияти контрол аз болои фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ дар он ифода мегардад, ки мақомоти барои он салоҳиятдоркардашуда (мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ) ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо истифода аз воситаҳои таш-

[1] Масалан, ниг ба: моддаҳои 4, 12, 21 Қонуни конституцсионии ҶТ «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2001 //АМО ҶТ. 2001. №4. М.215; моддаҳои 37, 59 Қонуни конституцсионии ҶТ «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 апрели соли 2000 //АМО ҶТ. 2000. №4. М.108; модаҳои 23,42 Қонуни конституцсионии ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 6 августи соли 2001 // АМО ҶТ. 2001. №7. М.490; Қонуни ҶТ «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 декабри соли 2002 //АМО ҶТ. 2002. №11. М.681; моддаҳои 11,28,30-33, 61 қонуни ҶТ «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2012 //АМО ҶТ.2012. №6. М.436; моддаҳои 22, 24, 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, №749 // АМО ҶТ. 2011.№6. М.460; моддаҳои 10,15 Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» аз 19 марти соли 2013 ва ғайра.

килӣ-ҳуқуқӣ метавонанд маълум ё ошкор менамоянд, ки оё аз ҷониби мақомот ва шахсони мансабдори зери конрол қарордошта ба ягон амали вайронкунии қонуният ва поймолкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд роҳ дода шудааст ё не. Агар, ки чунин бошад, ҳуқуқвайронкуниҳоро бояд сари вақт барканор созанд, ҳуқуқҳои вайронкардашударо барқарор намоянд, гунаҳгоронро ба ҷавобгарӣ кашанд, тадбирҳои зарурӣ баҳри мустаҳкам намудани қонуният ва интизом, зарурӣ барои барҳамдиҳии шароиту омилҳое, ки барои ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат намуданд, андешанд.

Мақсадҳои контрол ин риоя намудани қонунгузорӣ, таъмини сарфаҷӯёнаи воситаҳои молию пулӣ, баланд бардоштани сатҳи самаранокии идоракунӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия ва шахсони мансабдори онҳо мебошад. Контрол бояд аз рӯи принсипҳои асосии зерин анҷом дода шавад: қонуният, объективӣ, мустақилият, ошкоро, самаранок, маҳфуз доштани сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ва дигар сирре, ки қонун ҳифз менамояд.

Моҳият ва таиноти контролро дар соҳаи идоракунии давлатӣ аксарияти кулли олимони соҳаи идоракунии давлатӣ бо чунин хусусиятҳо фарқ мекунанд[1], ки он воситаи асосии:

а) бурдани мушоҳидаи доимӣ аз болои фаъолияти ва амалҳои объекти зери контрол қарордошта мебошад;
б) ба даст овардани маълумоти воқеъӣ ва боэътимод дар бораи вазъи қонуният ва интизом аст;
в) тадбирандешӣ дар бораи пешгирӣ ва бартараф намудани войронкунии қонуният ва интизом мебошад;
г) ошкор кардани сабаб ва шароитҳое, ки барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат намудаанд;
д) тадбирандешии чораҳои ҷазои интизомӣ нисбат ба онҳое, ки дар содир намудани қонуният ва интизом гунаҳгоранд, муайян карда мешавад ва ғайра. Яъне контрол ба субъектони он имконият медиҳад, ки то чӣ андоза амалу фаъолияти мақомот ва шахсони мансабдори вазифадор ба талаботи санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои идоракунии мақомоти болоӣ мутобиқат менамояд, маълум намоянд. Мафҳуми «назорат» нуқтаҳои зикршударо дар бар гирифта наметавонад, бинобар он ҳамчун яке аз унсурҳои ҷузъии конрол баромад мекунад.

Аз ин рӯ, мафҳуми «контрол» бояд аз мафҳуми «назорат» ҳамчун унсури ҷузъии он бо як қатор хусусиятҳои хос фарқ карда мешавад.

Якум, контрол байни мақомоти контролӣ (ё шахси мансабдори болоӣ) ва объекти зернизоми аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқӣ итоаткунанда ё ба он мансуббуда ҷой дошта метавонад. Дар назорат бошад, чунин алоқамандӣ дида намешавад. Он новобаста аз мансубияти идорӣ ва шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ бурда мешавад.

Дуюм, объекти контрол дар фаъолияти объекти зернизом (итоаткунанда) ҳам масъалаи қонуният ва ҳам мақсаднокиро дар бар мегирад, ки тарафи контролкунанда ихтиёр дорад ба фаъолияти маъмурию хоҷагии охирон дахолат кунад ва самти фаъолияти онро тағйир диҳад. Дар фаъолияти назоратӣ бошад субъекти назорат чунин ҳуқуқҳоро надорад[2] ва он метавонад танҳо дар назди мақомоти зери назорат қарордошта ё мақомоти болоии он масъала гузорад.

Сеюм, ба тарафи контролкунанда, ҳамчун қоида, салоҳияти бекор кардани қарорҳои контролшаванда (итоаткунанда) дода шудааст, ки метавонад ба ҷои охирон қарор қабул намояд, ё ба ӯ вазифаи бекор кардан ва аз нав қабул намудани қарори дигарро вогузор намояд.

Чаҳорум, дар ҳолатҳои зарурӣ тарафи конролкунанда ҳуқуқ дорад нисбат ба тарафи контролшаванда (итоаткунанда) чораҳои таъсиррасонии интизомӣ то сабукдуш намудан аз вазифаро татбиқ намояд. Чунин ҳуқуқро мақомоти назораткунанда дошта наметавонад, танҳо дар он хусус дар назди мақомоти ваколатдор масъала мегузоранд.

[1] Масалан, ниг. ба: Административное право /Под. Ред. Проф Ю.М. Козлова.М., 2003. С.211-213; Д.Н.Бахрах, Б.В. Россинский, Ю.А. Старилов Административное право. 2-изд. М.2006. С.743-745; Административное право: Учебник. Ю.А. Димитриев, И.А. Полянкский, Е.В. Трафимов. М.2009. С.289-290 ва ғ.

[2] Масалан, қисми 2-и моддаи 23 Қонуни конституцсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005 муқаррар намудааст, ки ҳангоми санҷиши риояи қонунҳо аз рӯи аризаҳо ва дигар маълумотҳо дар бораи вайрон кардани қонун ба прокурор иҷозат дода намешавад, ки ба фаъолияти хоҷагӣ дахолат намояд ва вазифаи мақомоти тобеи идора ва мақомоти зери назоратро иваз намояд //АМО ҶТ. 2005. №7. М.398; …2011. №3. М.150; №6. М.428.

Панҷум, дар контрол тарафи контролкунанда ҳақ дорад, ки тадбирҳо баҳри бартараф кардани сабабҳо ва шароитҳое, ки ба вайрон кардани қонуният ва интизом боис шудаанд, таҳия ва қабул намояд. Яъне сохтори низоми идоракунии объекти котролиро таҷдиди назар кунад: якҷоя намояд, барҳам диҳад, муттаҳид созад, ихтисор намояд, маблағгузориро қатъ намояд ё тағйир диҳад ва ғаёра, ки ин хусусиятҳо ба назорати давлатӣ хос намебошад. Дар назорат мақомоти назораткунанда бо истифода аз воситаҳои салоҳиятии дар ихтиёр доштааш танҳо дар назди мақомоти марбута ё мақомоти болоии он дар хусуси нуқтаҳои зикршуда масъала гузошта метавонад ва ҳуқуқи мустақилона ҳаллу фасл кардани онҳоро надорад, чуноне он дар фаъолияти котролӣ он ҷой дошта метавонад. Дар доираи фаъолияти назоратӣ мақомоти ваколатдор дар доираи салоҳияташ метавонад чораҳои ҷазои маъмуриро татбиқ намояд.

Шаклҳои фаъолияти контролӣ гуногун мешавад: шунидани ҳисоботҳо, маълумотҳо, дархостҳо, гузаронидани санҷишҳо, ташхисҳо (экспертиза), мушоҳидаҳо, омӯхтани фаъолияти корӣ, касбӣ номзадҳо ба мансабҳои давлатӣ, баррасии аризаҳо, шикоятҳо, ҳамоҳангсозӣ ва ғайра.

Вобаста дар кадом ҳолат ё вазъ қарор доштани фаъолияти объекти зери он қарордошта чунин *намудҳои контроли давлатӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ* фарқ карда мешавад: *пешакӣ, ҷорӣ ва минбаъда.*

Вобаста ба оне, ки контрол аз ҷониби кадом мақомоти салоҳиятдор амалӣ карда мешавад, чунин намудҳо фарқ карда мешаванд: контроли берунӣ ва дохилӣ низомӣ.

Контроли берунӣ аз ҷониби мақомоти ваколатори давлатӣ ё ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад, ки он аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқӣ ба низоми объекти контролшаванда дохил намешавад.

Масалан, Палатаи ҳисобӣ тибқи қонуни ҶТ «Дар бораи палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011 мақоми олии назорати молиявии ҶТ буда, аудити мустақили берунаро оид ба баҳодиҳӣ ба иҷрои буҷети давлатӣ анҷом дода, ҷиҳати такмили он пешниҳод омода месозад. Қонуни мазкур таиноти ин Палатаро дар бобати гузаронидани аудити мустақили беруна оид ба баҳодиҳӣ ба иҷрои буҷети давлатӣ мақоми олии назорати молиявии ҶТ донистааст. Мисоли дигар, тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, №374[1] Агентии мазкур мақомоти ваколатдори назорати давлатии[2] молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқ буда, назорати давлатии молиявиро оид ба истифодаи самарабахши маблағҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат, бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, инчунин дигар вазифаҳоеро, ки ҳамин Қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ пешбинӣ кардаанд, иҷро менамояд (м.1).

Контроли дохилинизомӣ аз ҷониби дастгоҳҳо, раёсатҳо, шӯъбаҳо, комиссияҳо ва шахсони мансабдори алоҳидаи соҳа амалӣ карда мешавад.

Контроли давлатӣ вобаста ба таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба шохаҳои мустақил, инчунин тафриқа намудани мабдаи фаъолият ва салоҳияти онҳо ба намудҳои зерин ҷудо карда мешавад:

– контроли президентӣ;
– контроли мақомоти қонунгузорӣ (намояндагӣ);
– контроли мақомоти ҳокимияти иҷроия;
– контроли судӣ.

Контроли президентӣ яке аз намудҳои контроли давлатӣ маҳсуб шуда, фишангии асосии тарзи таъмини қонуният ва интизом дар низоми идоракунии давлатӣ барои таъмини иҷроиши вазифа ва салоҳиятҳои аз ҷониби низоми мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади амалисозии ҳокимияти ягонаи давлатӣ аз рӯи принсипҳои таҷзияи ҳокимияти давлатӣ равона карда шудааст.

Мутобиқи Конституцсия Президенти ҶТ сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) буда, ҳомии Конституцсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамко-

[1] АМО ҶТ. 2008. №3. М.193; 2009. № 5. М.323; 2010. №3.М.154; 2011. № 6.М.459.

[2] Дар қонун мафҳуми «контроли давлатӣ» бо мафҳуми «назорати давлатӣ» ифода ёфтааст.

рии онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад (м.64).

Салоҳиятҳои котролии худро Президент чӣ бевосита ва чӣ бавосита тавассути Дастгоҳ, сохторҳои таъсисдода ва намояндагони таъинкардаи худ амалӣ менамояд.

Президент ҳамчун мансабдори олии ҳокимияти давлатӣ тибқи м. 69 Конституцсия ва дигар қонунҳои ҶТ салоҳиятҳоеро анҷом медиҳад, ки яке аз умдатарини онҳо аз муайян намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии кашвар иборат буда, барои амалисозии онҳо, низоми марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатиро ташкил менамояд, аз ҷумла, вазоратҳо ва кумитаҳои давлатиро таъсис ва барҳам медиҳад, Сарвазир ва дигар аъзои ҳукуматро таъин ва озод мекунад; Раисони ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро таъин ва озод мекунад, санадҳои онҳоро ҳангоми мухолифат ба Конституцсия ва қонунҳо онҳоро бекор мекунад ва ё бозмедорад, Дастгоҳи иҷроияи Президент, Шӯрои амният, Шӯрои адлияро таъсис медиҳад; раъйпурсӣ, интихоботи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ва мақомоти намояндагии маҳаллиро таъин мекунад; ба қонунҳо имзо мегузорад; низоми пулиро муайян менамояд ва маълумотро ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд; ихтиёрдор ва масъули сармояи захиравӣ мебошад; ба татбиқи сиёсати хориҷӣ роҳбарӣ мекунад, қарордодҳои байналмилалиро имзо ва ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд; сарони намояндагиҳои дипломатиро дар давлатҳои хориҷӣ, намояндаҳои ҷумҳуриро дар ташкилотҳои байналмилалӣ таъин ва озод мекунад; сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон мебошад, фармондеҳони қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро таъин ва озод мекунад; ҳангоми таҳдиди хатари воқеӣ ба амнияти давлат ҳолати ҷангро эълон менамояд ва фармонро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад ва ваколатҳои дигареро, ки Конституцсия ва қонунҳо муайян кардаанд, амалӣ менамояд ва ғайра.

Президенти ҶТ ҳамчун кафили Конституцсия ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳақ дорад механизми мураттабсозӣ ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ – усули тавозуни ҳокимияти давлатиро ба таври реалӣ бевосита истифода барад. Ин усул имкон медиҳад, ки мувофиқа ё ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ аз ҷониби Президенти ҶТ замонати (гарантияи) ягонагии ҳокимият ва сиёсати давлат мебошад ва ин дар асл барои роҳ надодан ба дуализм ё анархияи ҳокимияти давлатӣ равона карда шуда, имкон медиҳад, ки пойдориву бардавомии ҳокимияти давлатӣ таъмин карда шавад. Барои амалӣ сохтани ин ҳуқуқҳо Президенти ҶТ механизму тарзҳои гуногуни баамалбарориро истифода бурда метавонад.

Якум, бевосита ҳангоми истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории худ (м. 58 Конституцсия);

Дуюм, бевосита дар вақти ба қонун ё қисми он розӣ набудан, ки агар чунин шуморад, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро поймол мекунад, Президент метавонад аз имзои он даст кашида, дар муддати понздаҳ рӯз бо далелу эродҳо қонунро ба Маҷлиси намояндагон баргардонад.

Сеюм, бо воситаи намояндаи худ дар Парлумон ҳангоми баррасии қонунҳо ва ҳаллу фасли масъалаҳои ҳаётан муҳими сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ғайра мавқеи худро оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси Олӣ бо сиёсати дохилию хориҷии кишвар, ки онро Президенти ҶТ муайян менамояд, равшану возеҳ мегардонад. Албатта ин тарзҳо тарзҳои истисноӣ набуда, вобаста ба ҳалли масъалаҳои муҳим ва вазъияти объективии ба миён омада, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикитон ҳақ дорад дигар тарзу воситаҳои ҳуқуқиро истифода намояд. Масалан, ташаббуси қонунгузорӣ, паёмҳои ҳарсолаи ӯ ба Маҷлиси Олӣ, таъсис додани комиссияи ҳамоҳангсоз, гуруҳҳои таҳлилӣ ва ғайра.

Ба ҳамин тариқ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавозуни устувори «секунҷаи» рукнҳои давлатӣ – ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ мебошад, ки вай ба ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон таҳким мебахшад.

Барои дар амал татбиқ намудани ин вазифаҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми мақомоти марказӣ ва маҳалли ҳокимияти иҷроияро муайян намуда, вазъи ҳуқуқии онҳоро муқаррар менамояд.

Инак, Президенти кишвар бо Фармон «Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷи-

кистон» аз 30 ноябри соли 2006, №9 сохтори мақомоти мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи ҶТ-ро муайян намудааст, ки ба он чунин мақомот дохил мешаванд: 1) Мақомоти назди Президенти ҶТ; 2) Ҳукумати ҶТ; 3) Вазоратҳои ҶТ; 4) Кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 5) Идораҳои назди Ҳукумати ҶТ; 6) Мақомоти дигари марказии ҳокимияти иҷроияи ҶТ.

Тибқи фармон ба ҷумлаи *мақомоти назди Президенти ҶТ* мақомоти зерин дохил мешаванд, ки Президент салоҳиятҳои контролиро бавосита амалӣ менамояд: Раёсати хизмати давлатӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсияи ҶТ, Агентии назорати маводи нашъаовар, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо Фармон аз 9 марти соли 2010, №832).

Ҳар кадоме аз мақомоти зикршуда конроли давлатиро дар соҳаи марбут ба мабдаи салоҳияташон аз рӯйи сиёсати муқаррарнамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намуда, қонуният ва интизомро дар идоракунии давлатӣ таъмин намуда, ҳамзамон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро аз ҳодисаҳои номатлуб ҳифз менамоянд.

Масалан, вазифаҳои контроли махсусгардонидашударо оид ба таъмини қонуният ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон аз ҳодисаҳои коррупсионӣ тибқи қонун «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008 анҷом медиҳад. Ин мақомот мақомоти ваколатдори назорати давлатии молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқ буда, назорати давлатии молиявиро оид ба истифодаи самарабахши маблағҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат, бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, инчунин дигар вазифаҳоеро, ки қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ пешбинӣ кардаанд, иҷро менамояд (м.1).

Президент салоҳияти котролии худро тавассути сохторҳои таъсисдодаи худ – Дастгоҳи иҷроия ва сохторҳои марбутаи он амалӣ менамояд.

Тибқи м.8. Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 16 апрели соли 2012, №828 Дастгоҳи иҷроия назорат ва санҷиши иҷрои қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, супоришҳои Президентро ба роҳ монда, оид ба рафти иҷрои онҳо ба Президент маълумотҳо пешниҳод менамояд.

Салоҳияти контролӣ аз ҷониби Раёсати кафолатҳои конституцсионии ҳуқуқи шаҳрвандони Дастгоҳи иҷроия[1], дигар раёсату шуъбаҳои марбутаи Дастгоҳ анҷом дода мешавад. Раёсати контролии Дастгоҳи иҷроия тибқи аввалин Низомномаи он, ки бо Фармони Президент от 29 мая 1997, №732 тасдиқ шудааст, фаъолияти контролиро баҳри иҷроиши қонунҳо, фармону амрҳои Президент, қарору фармоиши Ҳукумати ҶТ ва супоришҳои роҳбари Дастгоҳ амалӣ менамояд, сабабу шароитҳое, ки ба вайрон кардани қонуният ва интизом сабаб шудаанд, таҳлил менамояд, баҳри рафъ намудани онҳо оид ба такмил додани сохтор, шаклу усулҳои кори онҳо таклифҳо пешниҳод менамояд, таҷрибаи пешқадамро меомӯзад ва барои паҳн намудани онҳо тадбирҳо меандешад ва ғайра. Барои амалӣ намудани салоҳиятҳои зикршуда фаоълияти мақомоти идоракуниро доимо месанҷад, дар ҳолатҳои зарурӣ ҳисоботи роҳбарони онҳоро мешунавад, аз роҳбарони мақомоти ҳокимияти тиҷроия баёноти шифоҳӣ ва хаттӣ мегирад, ба роҳбари Дастгоҳ дар бораи тадбирандешӣ оид ба бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва ба ҷавобгарии интизоми кашидан ва қисман ё пурра маҳрум намудани аз муфотпулиҳо таклифҳо пешниҳод менамояд, аз натиҷаи санҷишҳо ба мунтазам ба Президент, Сарвазир ва роҳбари Дастгоҳ гузоришҳо медиҳад ва ғайра.

Вазифаҳои асосии Раёсати кафолатҳои конституцсионии ҳуқуқи шаҳрвандони Дастгоҳ тибқи Низомнома аз 17 фаврали соли 1998 дар бобати фаъолияти контролӣ аз таъмин намудани фаъолияти Президент ва Ҳукумати ҶТ аз натиҷаҳои иҷроиши ин салоҳиятҳо оид ба ҳолати кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд иборат мебошад.

Бо мақсади иҷро намудани вазифаҳои асосии зикршуда, Раёсат функсияҳои контроли давлатиро аз болои фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шахсони мансабдор оид ба таъмини кафолатҳои конституцсионии ҳуқуқу

[1] Раёсати мазкур ҳоло ба Шӯъбаи кафолатҳои конституцсионии ҳуқуқи шаҳрвандони Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ табдил дода шудааст.

озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебарад, ҳамкории Президент ва Ҳукумати ҶТ-ро бо мақомоти қонунгузорӣ, намояндагӣ ва судӣ доир ба вазифаи худ таъмин менамояд, сари вақт баррасӣ намудани таклифҳо, аризаҳо ва шикояти шаҳрвандонро таъмин мекунад. Қабули шаҳрвандонро аз ҷониби Президент, роҳбарияти Ҳукумат, Дастгоҳи иҷроия, Мушовирони давлатии Президент, роҳбарони дигар сохторҳои Дастгоҳи иҷроияро ташкил менамояд, қабули шаҳрвандонро ба роҳ мемонад, контрол ва ташкили иҷрои қонунгузорӣ ва қарорҳои Маҷлиси Олӣ, Президент ва Ҳукуматро амалӣ менамояд.

Контроли мақомоти қонунгузорӣ (намояндагӣ) ва иҷроия яке аз намудҳои конроли давлатӣ дар самти идоракунии давлатӣ ва мебошад, ки онро палатаҳои МО ҶТ чӣ дар якҷоягӣ ва чӣ дар алоҳидагӣ амалӣ менамоянд ва он аз талаботи моддаҳои 55-57, 69, 70-72, 75 Конституцияи ҶТ ва дигар қонунҳо бармеояд.

Салоҳияти контролиро палатаҳои МО ҶТ ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя дар бобати тасдиқи фармонҳои Президент дар бораи таъин намудан ва озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукумат, дар бораи ҷорӣ намудани ҳолати ҷангӣ ва вазъияти фавқулодда, додани ризоият ба истифодаи Қувваҳои мусаллаҳи ҶТ берун аз ҳудуди он барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон, баррасии масъалаи дахлнопазирии Президент ва ғайра амалӣ менамоянд. Дар ин бора қарори дахлдор қабул мекунанд.

Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия тибқи Қонуни конституцсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004 салоҳиятҳои контролиро ҳангоми амалӣ намудани ваколаҳои худ анҷом медиҳанд. Аз ҷумла, онҳо ин салоҳиятро ҳангоми қабули буҷети маҳаллӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он, инчунин, иҷрои назорати он ва тасдиқи ҳисоботи он амалӣ менамоянд. Барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатиро тасдиқ ва иҷрои онҳоро назорат мекунад, ба Президенти ҶТ дар бораи озод намудани Раис масъала мегузорад, ҳисоботи роҳбарони сохтори маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия ва ташкилотҳои дахлдорро оид ба масъалаҳое, ки ба ваколати Маҷлиси вакилони халқ мансубанд, баррасӣ менамояд ва ҳангоми зарурат ба мақомоти дахлдор дар хусуси ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдори онҳо пешниҳод ирсол медорад; санадҳои мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдори поёниро дар сурати ба Конституцсия ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ мувофиқат накарданашон бекор мекунад; қарорҳои раиси мақомоти маҳаллиро тасдиқ ё бекор мекунад; қарорҳои раиси мақомоти маҳаллиро дар бораи ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани муовини якум, муовинон, роҳбари дастгоҳи раис, роҳбарони сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи худи раис ва роҳбарони дахлдори сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия тасдиқ менамояд ва ғайра (м.8).

Контроли мақомоти ҳокимияти иҷроия яке аз намудҳои контроли давлатӣ мебошад, ки ин функсия аз ҷониби Ҳукумати ҶТ, вазоратҳо, кумитаҳои давлатии ҶТ, дигар мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳукумати ҶТ ҳамчун мақоми салоҳиятдори умумии марказиии ҳокимияти иҷроияи аз рӯи Конституцсия (мм.73-75) ва Қонуни конституцсионии ҶТ «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2001 дорои салоҳияти васеъ дар бобати амалисозии функсияҳои контролӣ мебошад. Ҳукумати ҶТ ба кори вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ роҳбарӣ менамояд ва фаъолияти онҳоро назорат мекунад, низомнома ва сохтори дастгоҳи марказии онҳоро мувофиқи тартиби муқаррагардида тасдиқ мекунад, Ҳукумати ҶТ инчунин аъзои ҳайати мушовараи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатиро тасдиқ мекунад, мақомоти назди худро метавонад ба тариқи муқаррагардида таъсис диҳад ва низомномаи онҳоро низ тасдиқ намояд (м.12).

Ҳукумати ҶТ ҳисобот ва гузоришҳои роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар бораи татбиқи Конституцсия ва қонунҳои ҶТ, қарорҳои палатаҳои МО ҶТ, фармонҳо ва амрҳои Президенти ҶТ, қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати ҶТ мешунавад, низомнома ва сохтори намунавии дастгоҳи раисони мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва лимити шумораи ниҳоии хизматчиёни давлатии онҳоро тасдиқ менамо-

яд, санадҳои ҳуқуқии мақомоти зикршударо, ки ба Конституция ва қонунҳои ҶТ мухолифат доранд, бекор мекунад.

Мақомоти назди Президенти ҶТ, вазоратҳо, кумитаҳои давлатии ҶТ ва дигар мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия метавонанд контроли байнисоҳавӣ (аз болои соҳа) ва контроли соҳавӣ (дохилисоҳавӣ)-ро анҷом диҳанд.

Масалан, Ҳукумати ҶТ бо қарори худ аз 3 майи соли 2010, №227 Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати ҶТ–ро таъсис додааст, ки он мақомоти ваколатдори ҳокимияти иҷроия буда, сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи ҳимоя ва рушди рақобат, пешгирӣ, маҳдудкунӣ, қатъ намудани фаъолияти инҳисорӣ, танзими давлатӣ ва назорат дар соҳаи фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавиро амалӣ менамояд. Хадамоти гумрук бошад, конроли маъсусгардонидашударо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, риояи реҷаҳои муқарраршудаи гумрукӣ, ки аз Кодекси гумруки ҶТ бармеоянд, пеш мебарад.

Ҳукумати ҶТ тибқи м.28 Қонун[1] метавонад оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои баъзе категорияҳои шаҳрвандон ва гуруҳҳои иҷтимоӣ комиссияҳои махсусгардонидашудаи контролии доимӣ, муваққатӣ ва гуруҳҳои корӣ таъсис диҳад. Инак, бо Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» аз 1 августи соли 2008 №377 Комиссияи оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шудааст, ки мақсади он аз такмили минбаъдаи сиёсати давлатӣ бобати дастгирии оилаву кӯдак ва ислоҳоти низоми идоракунии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, фароҳам овардани шароити муносиб барои инкишофи маънавиву ҷисмонии кӯдакону наврасоне, ки дар вазъи хавфнок ва ё ногувори иҷтимоӣ қарор доранд, инчунин ухдадориҳои байналмилалии Ҳукумати ҶТ, ки аз Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дар бораи ҳуқуқи кӯдак бармеояд, иборат мебошад.

Контроли соҳавӣ дар дохили ҳамин соҳа доир ба масъалаҳои амрдиҳию иҷрокунӣ нисбат ба мақомот ва шахсони мансабдори зернизом (итоаткунанда) анҷом дода мешавад. Ин функсияро мақомоти минтақавии соҳа нисбат ба субъектони зернизоми худ бурда метавонанд.

Шаклҳои фаъолияти контролии мақомоти ҳокимияти иҷроия гуногун шуда метавонад. Ба монанди усулҳои гузаронидани ревизия, санҷиши ҳолати кор, шунидани ҳособотҳо, гузаронидани сачишҳо, ташхисҳо аз рӯи аризаю шикоятҳо, талаботи стандартҳо ва қоидаҳои соҳа, санҷиши санадҳои ҳуқуқии мақомоти зернизом, маводҳои чопии рӯзномаҳо, мачаллаҳо, ахборҳои омма ва ғайра.

Контроли судӣ яке аз намуди контроли давлатӣ мебошад, ки онро бо роҳи ба амал баровардани адолати судӣ ҳангоми баррасӣ намудани парвандаҳои конституционӣ, граждани, ҷиноятӣ, маъмурӣ ва иқтисодӣ аз ҷониби низоми мақомоти судӣ – Суди конституционӣ, Суди Олӣ, , Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди ВМКБ, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии ВМКБ, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе амалӣ карда мешавад.

Суди конституционӣ муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, қарордодҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конституция; ҳалли баҳсҳои байни мақомоти давлатӣ доир ба салоҳияти онҳо; санадҳои ҳуқуқии мақомоти маҳаллии намояндагӣ ва иҷроияи ҳокимият, шартномаҳои аз тарафи вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳои Ҷумҳурии басташуда; шартномаҳои байни мақомоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии ҳокимият; ваколатҳои дигареро, ки Конституция қонунҳо муайян кардаанд, инчунин баҳсҳои вобаста ба салоҳиятро байни мақомоти ҷумҳуриявии ҳокимияти давлатӣ, байни мақомоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, байни мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳудудии ҳудидоракунии маҳалро ҳаллу фасл мекунад.

Суди конституционии ҶТ масъалаҳоро оид ба вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои конституционии шаҳрвандон вобаста ба қонун ва дигар санади ҳуқуқии татбиқшуда ё татбиқшаванда дар муносибати мушаххаси ҳуқуқӣ баррасӣ мекунад, инчунин ба Конституцияи ҶТ мутобиқ будани қонун, дигар санади ҳуқуқӣ ва тавзеҳоти дастурии Пленумҳои Суди Олии ҶТ, Суди Олии иқтисодии ҶТ-ро дар парвандаи мушаххас, ки аз тарафи суд нисбаташон татбиқ шудааст, бо тартибе, ки Қонуни конституционии мазкур муқаррар кардааст, му-

[1] АМО ҶТ. 2001. № 4. М.215; 2003. №4. М.152. 2008. №1. Қисми 1. М.1; 2009. №12. М.813.

айян менамояд. Дар сурати ба Конуституцсия хилоф будани санадҳои ҳуқуқии мақомоти зикршуда, Суди конституцсионӣ онҳоро бо қарори худ бекор мекунад ва қарори Суди конституцсионӣ қатъӣ мебошад ва аз болои он шикоят кардан мумкин нест.

Мутобиқи м.40 Қонуни конституцсионии ҶТ «Дар бораи Суди конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014, №1083[1] субъектҳои муроҷиаткунанда ба Суди конституцсионии ҶТ инҳо мебошанд:

– Президенти ҶТ, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ дар хусуси ба Конституцсия мувофиқат доштани тағйиру иловаҳои ба Конституцсия воридшаванда, лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳое, ки ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳод карда мешаванд;
– Президенти ҶТ, ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, Ҳукумати ҶТ, узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, Суди Олии ҶТ, Суди Олии иқтисодии ҶТ, Прокурори генералии ҶТ, маҷлисҳои вакилони халқи ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе дар хусуси ба Конституцсия мувофиқат доштани қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, Президент ва Ҳукумати ҶТ, шартномаҳои байналмилалии эътибори қонуни пайдонакардаи Тоҷикистон, тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олии ҶТ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ;
– Прокурори генералии ҶТ, маҷлисҳои вакилони халқи ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва раисони ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе дар хусуси ба Конституцсия мувофиқат доштани санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
– Ҳукумати ҶТ, вазоратҳо ва дигар мақомоти давлатӣ, аз ҷумла маҷлисҳои вакилони халқи ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, раисони ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо оид ба баҳсҳои байни онҳо доир ба салоҳияташон;
– Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси ба Конституцсия мувофиқат доштани қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ, тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олии ҶТ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ, ки аз тарафи мақомоти дахлдори давлатӣ ё ҷамъиятӣ, инчунин мақомоти судӣ ҳангоми баррасии парвандаи мушаххас татбиқ карда шудаанд ва ба андешаи ӯ боиси вайрон шудани ҳуқуқу озодиҳои конституцсионии шаҳрвандон гардидаанд;
– шахсони воқеӣ дар хусуси ба Конституцсия мувофиқат доштани қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ, тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олии ҶТ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ, ки аз тарафи мақомоти дахлдори давлатӣ ё ҷамъиятӣ, инчунин мақомоти судӣ нисбат ба онҳо дар парвандаи мушаххас татбиқ карда шудаанд ва ба андешаи онҳо боиси вайрон шудани ҳуқуқу озодиҳои конституцсиониашон гардидаанд;
– шахсони ҳуқуқӣ дар хусуси ба Конституцсия мувофиқат доштани қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ, тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олии ҶТ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ, ки аз тарафи мақомоти дахлдори давлатӣ ё ҷамъиятӣ, инчунин мақомоти судӣ нисбат ба онҳо дар парвандаи мушаххас татбиқ карда шудаанд ва ба андешаи онҳо боиси вайрон шудани ҳуқуқу манфиатҳои конституцсиониашон гардидаанд;
– судяҳои Суди Олии ҶТ, Суди Олии иқтисодии ҶТ, дигар судҳои ҶТ (ба ғайр аз судяҳои Суди конституцсионии ҶТ) дар хусуси ба Конституцсия мувофиқат доштани қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ё тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олии ҶТ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ, ки онҳо дар парвандаи мушаххас нисбат ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ татбиқ намудаанд ё бояд татбиқ намоянд.

Судҳои юрисдиксияи умумӣ ва иқтисодӣ низ дар доираи ваколаташон баҳсҳои маъмуриро оид ба қонунҳо мутобиқат кардани санадҳои ҳуқуқии маъмурии мақомоти идоракунии давлатӣ ва шахсони мансабдорро ҳаллу фасл менамоянд, дар сурати ба қонун

[1] http://www.adlia.tj.

мутобиқат накардани онҳо ин санадҳоро бекор мекунанд, инчунин баҳсҳои оммавие, ки вобаста ба мавриди баҳс қарор додани амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон, ба мақомоти маъмурӣ вогузор кардани уҳдадориҳо оид ба ҷуброни зарар ва қабули санади маъмурӣ, ё анҷомдиҳии ягон амали дигар тибқи расмиёти маъмуриро барасӣ намуда, содир намудани уҳдадории мувофиқро ба онҳо бо қабул намудани ҳалномаи судӣ вогузор менамоянд, ки пас аз эътибор пайдо намуданаш ҳукми қонунро мегирад ва ба ҳамин васила контроли судиро амалӣ менамоянд.

Судҳо ҳангоми баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, ба хусус парвандаҳои ҷиноятҳои мансабӣ на танҳо ба судшаванда дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо ҳукм мебароранд, инчунин суд таионоти хусусӣ дар бораи дар бораи рафъи ҳолатҳое, ки ба содир намудани ҷиноят мусоидат намудаанд, мебароранд ва тавассути он мақомоти марбутаи ҳокимияти иҷроияро водор мезозад, ки барои минбаъда рух надодани чунин ҷиноятҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Тибқи қ.2. м.35 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ суд салоҳият дорад, агар ҳангоми баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ риоя накардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, инчунин риоя накардани муқаррароти қонун, ки зимни пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, баррасии судӣ ошкор карда мешаванд, суд, судя ҳуқуқ доранд нисбат ба онҳое, ки ба камбудӣ роҳ додаанд, таъиноти (қарори) хусусӣ бароранд. Дар ин ҳолат, нисбат ба кадом субъект таиноти хусусӣ бароварда шудааст, санади судиро дар муддатӣ на дертар аз як моҳ ба иҷро расонида, дар ин бора бояд ба таври хаттӣ ба суд хабар диҳад.

Судҳои иқтисодӣ баҳсҳои иқтисодиеро, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи маъмурӣ ва дигари оммавӣ бармеоянд, инчунин дигар парвандаҳои ташкилотҳо ва шаҳрвандонро, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар парвандаҳои фаъолияти иқтисодӣ алоқаманданд, бо тартиби истеҳсолоти судии маъмурӣ баррасӣ менамоянд, ки онҳо инҳоянд: дар бораи баҳсталаб будани санадҳои ҳуқуқии ғайримеъёрии мақомоти давлатӣ, қарорҳо ва амали (беамалии) мақомоти давлатӣ, дигар мақомот ва шахсони мансабдор, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии аризадиҳанда дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ дахлдор аст; дар бораи аз шаҳрвандон ва ташкилотҳое, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ машғуланд, рӯёндани пардохтҳои ҳатмӣ, муҷозот, ба шарте, ки бо қонун тартиби дигари рӯёндани онҳо пешбинӣ нашуда бошад; дар бораи аз буҷет баргардонидани маблағе, ки мақомоти назоратӣ бо вайрон кардани тартиби қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ бебаҳс (беаксепт) аз ҳисоб баровардааст; дигар парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи маъмурӣ ва дигари оммавӣ бармеоянд, агар бо қонун баррасии онҳо ба салоҳияти суди иқтисодӣ дахл дошта бошад.

Контроли ҷамъиятӣ. Мутобиқи м. 27 Конституцсия шаҳрванд ҳақ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд. Ин муқаарарот ишораи ба контроли ҷамъиятиро аз фаъолияти мақомоти идоракунӣ, дастгоҳҳои давлатӣ ва шахсони мансабдори он дорад.

Тибқи қонунгузории амлакунадаи ҶТ ба сифати субъектони контроли ҷамъиятӣ иттиҳодияҳои ҷамъиятии шаҳрвандон (ҳизбҳои сиёсӣ, иттифокҳои касаба ташкилоти ҷамъиятӣ, ҳаракати ҷамъиятӣ, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва ғ.) ва шахсони алоҳида баромад мекунанд. Ҳамаи онҳо аз номи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё аз номи худ баромад мекунанд. Хусусияти хоси ин гуна контрол дар он ифода мегардад, ки онҳо ба фаъолияти мақомоти маъмурӣ ва шахсони мансабдори онҳо тавассути тадбирҳои қонунии таъсирасонии ҷамъиятӣ таъсир расонида метавонад ва онҳо дорои салоҳияти ҳокимияти давлатӣ намебошанд.

Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 12 майи соли 2007, №258 иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва ноил гардидан ба мақсадҳои умумӣ таъсис дода мешаванд. Онҳо метавонанд дар таҳияи қарорҳои мақомоти давлатӣ иштирок намоянд, маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо, роҳпаймоиҳо ва дигар чорабиниҳои оммавиро бо тартиби пешбиникардаи қонунҳои ҶТ гузаронанд, дар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, суд ҳуқуқҳои худ, манфиатҳои қонунии аъзо ва иштирокчиёни худ, инчунин дигар шаҳрвандонро намояндагӣ ва ҳифз намоянд, аз рӯи масъалаҳои гуногу-

ни ҳаёти ҷамъиятӣ бо ташаббусҳо баромад намояд, ба мақомоти давлатӣ пешниҳодҳо кунанд ва ғайра (м.24).

Оид ба амалисозии фаъолияти контролӣ нақши иттифоқҳои касаба калон аст. Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи иттифоқҳои касаба» аз 2 августи соли 2011, №757[1] вазифаҳои контролии худро ҳангоми амалисозии ҳуқуқҳои худ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии аъзои худ, бурдани музокироти коллективӣ ва бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, ҳифзи иҷтимоии кормандон, амалӣ намудани назорати ҷамъиятӣ ба рафти иҷрои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, ҳалли баҳсҳои меҳнатии фардӣ ва коллективӣ, амалӣ намудани назорати ҷамъиятии риояи қонунгузории ҶТ оид ба меҳнат ва иттифоқҳои касаба, таъминоти иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, ҳифзи саломатӣ ва ғайра амалӣ менамояд, ки корформоён ва роҳбарони мақомоти давлатӣ маъалаҳои зикршударо бо дарназардошти қарор ё хулосаи иттифоқҳои касаба ҳаллу фасл менамоянд.

Итифоқҳои касаба бо мақсади амалӣ намудани назорати[1] ҷамъиятӣ оид ба риояи қонунгузории ҶТ оид ба меҳнат, ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, меҳнатӣ ва манфиатҳои аъзои худ иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд бозрасии техникӣ ва ҳуқуқии меҳнат ва ҳадамоти ёрии ҳуқуқӣ дошта бошанд, ки салоҳияти онҳоро оинномаи (низомномаи) иттифоқҳои касаба ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ муайян менамояд.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон (ассотсиатсия, иттифоқҳои онҳо) дар мавридҳои пешбининамудаи оинномаи онҳо тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, №72[2] ҳуқуқ доранд дар таҳияи талабот ба бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) ва ҳамчунин ба стандартҳое, ки талаботи ҳатмиро дар ин соҳа муқаррар менамоянд, ба лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки муносибатҳоро дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда танзим менамоянд, иштирок кунанд, ба мақомоти идоракунии давлатӣ ва ташкилотҳо доир ба беҳтар кардани сифати мол (кор, хизматрасонӣ), истеҳсол накардан, аз муомилот гирифтани моле (коре, хизматрасоние), ки барои ҳаёт, саломатӣ, амволи истеъмолкунанда ва муҳити зист хавфу хатар доранд, таклифҳо пешниҳод намоянд, ҳамроҳи мақомоти идоракунии давлатӣ дар назорати татбиқи нарҳҳои идорашаванда ширкат варзад, тарифҳоеро, ки мақомоти давлатӣ барои ба ҷо овардани хизмати аҳолӣ (истеъмолкунандагон) муқаррар менамояд, мустақиман экспертиза кунад, ба мақомоти прокуратура ва мақомоти идоракунии давлатӣ дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони барои истеҳсолу фурӯши моли (иҷрои кори, хизматрасонии) ба талаботи муқарраргардида нисбат ба бехатарӣ ва сифати мол (кор, хизматрасонӣ) номувофиқ ва ҳамчунин барои риоя накардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон айбдоранд, мавод пешниҳод намоянд, аз мақомоти прокуратура хоҳиш намоянд, ки дар бораи беэътибор донистани санадҳои мақомоти идоракунии давлатӣ ва санадҳои мақомоти худидораи маҳаллӣ, ки хилофи қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагонанд, эътироз баён кунанд, барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон (доираи номуайяни истеъмолкунандагон) ба суд мурочиат намоянд ва ғайра (м.42).

Иттиҳодияҳои корфармоён низ фаъолияти котролии ҷамъятиро тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» аз 17 майи соли 2004, № 32[3] ҳангоми ширкат варзидан дар амалисозии ҳуқуқҳои худ дар таҳияи таклифҳо ба лоиҳаи барномаҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба масъалаҳое, ки аҳамияти калони иҷтимоию иқтисодӣ доранд, равон кардани намояндагони худ барои иштирок дар ҷаласаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи дастури мақомоти дахлдор, муаррифӣ ва ҳифз намудани манфиати аъзояш дар назди мақомоти зикршуда, ишитирок варзидан дар сатҳи дахлдор ба комиссияҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявии дуҷонибаву сеҷониба, ҳангоми музокироти коллективӣ ва бастани созишномаҳо бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо доир ба масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ, инчунин ширкат варзидан дар ҳалли баҳсҳои меҳнатии коллективӣ ва ғайра анҷом медиҳанд (м.14).

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ дар амали намудани конроли ҷамъиятӣ дар идоракунии давлатӣ нақши махсусеро мебозад, ки он Қонуни ҶТ «Дар бораи ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20

[1] Чуноне дар боло зикр шуд, ин ҷо мафҳуми «назорат» бо мазмуни мафҳуми «контрол» омадааст.

[2] АМО ҶТ. 2004. №12. Қ.-1. М.699; 2008. №10. М.817.

[3] АМО ҶТ. 2004. № 5. М.343; 2011. №3. М.163.

марти соли 2008, № 372[1], ки ин вазифа бо мақсади таҳвияти кафолатҳои конституцсионии ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мусоидат ба риоя ва эҳтиромии онҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат) ва шахсони мансабдори онҳо, роҳбарон ва шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, таъсис дода шудааст.

Тибқи қонун Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳангоми амалӣ намудани ваколатҳои худ мустақил буда, ба ягон мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат) ва шахсони ӯ воситаҳои мавҷудаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро пурра намуда, салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатиро, ки ҳуқуқу озодиҳои вайроншударо барқарор менамоянд, бекор ва тағйир намедиҳад.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳангоми санҷиши шикоят ҳақ дорад: бе монеа ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), корхонаҳо, муассиса ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин қисмҳои ҳарбӣ, муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, дигар сохтору муассисаҳои ҳарбӣ, ки дар ҳудуди ҶТ воқеанд, ташриф намояд; аз роҳбарон ва шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон маълумотҳои зарурӣ, ҳуҷҷатҳо ва маводҳоро талаб карда гирад, аз онҳо оид ба масъалаҳое, ки дар рафти баррасии шикоят муайян карда мешавад баёнот гирад (ба истисноии судяҳо нисбат ба санадҳои судӣ); мустақилона ё якҷоя бо мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, шахсони мансабдори давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ санҷиши фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳоро, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон гузаронад; бо парвандаҳои ҷиноятӣ, граждани, оилавӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки вобаста ба онҳо санадҳои судӣ эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, инчунин бо парвандаҳои қатъгашта ё маводе, ки оид ба онҳо аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст, бо риояи талаботи қонунгузории ҶТ дар бораи ҳифзи маълумотҳое, ки дорои сирри давлатӣ, тафтишотӣ, тиҷоратӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда мебошанд, шинос шуда, аз онҳо маълумоти заруриро рӯйнавис ё нусхабардорӣ кунад ва ғайра.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон метавонад оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсоне, ки бинобар вазъи саломатӣ ё дигар сабабҳои узрнок қобилияти мустақилона истифода бурдани воситаҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои худро надоранд, ба суд ва ё дигар мақомоти дахлдори давлатӣ мурочиат намояд, аз ҷумла аризаи даъвогӣ пешниҳод кунад, бо ташаббуси худ дар доираи салоҳияташ санҷишҳо гузаронад (м.м.12-13).

[1] АМО ҶТ. 2008. №3. М.191.

Аннотатсия

Контроли давлатӣ – усули рохбарӣ ва ташкилии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, на назорат

Дар мақола функсияҳои контрол ҳамчун силсилаи мушоҳидаҳо ва усули ташкилии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз рӯйи доираи вогузоршуда дар таъмин намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ таҳлил шудаанд. Умумият ва фарқияти контроли давлатӣ ва назорат аз рӯи мақсадҳо, вахифаҳо ва таиноти функсионалӣ нишон дода шудааст.

Контроли парлумонӣ, президентӣ, судӣ ва контроли низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия, инчунин контроли ҷамъиятӣ дар доираи амалисозии ҳокимияти иҷроия фарқ карда шудааст.

Аннотация

Государственный контроль – способ руководства и организация государственной власти вне надзора

В статье исследованы функции государственного контроля как системного наблюдения и организационного метода деятельности органов государственной власти по обеспечению законности и правопорядка по вверенным им аспектам. Показаны общность и отличия государственного контроля и государственного надзора по целям, задачам и функциональным предназначениям.

Различается парламентский, президентский, судебный контроль и контроль системы органов исполнительной власти, а также общественный контроль в сфере осуществления исполнительной власти.

Annotation

State control – method of leadership and organization of state power, out of supervision

In article explored functions of the state control as the system of observation and organizing method the activity of state's organ authorities on provision of legality and law and order on entrusted them aspects. They are shown generality and differences of the state control and state inspection on purpose, problem and functional destination.

Differs parliamentary, presidential, judicial control and control the system of organs executive authorities, as well as public control in the aspect of the realization executive authorities.

Бахриддинзода С.Э.,
первый заместитель директора национального Центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент

О СИСТЕМЕ МЕР ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ОРГАНИЗОВАННОЙ НАРКОПРЕСТУПНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Калидвожаҳо: *ҷинояткорӣ, ҷинояткории муташаккилонаи мухаддиротӣ, қонунгузории ҷиноятӣ, кодекс, ҷиноятҳо, ҷавобгарии ҷиноятӣ, пешгирии ҷинояткорӣ.*

Ключевые слова: *преступность, организованная наркопреступность, уголовное законодательство, кодекс, преступления, уголовная ответственность, предупреждение преступности.*

Keywords*: crime, organized drug crime, criminal legislation, code, crime, criminal liability, prevention of crime.*

Наркопреступность и связанные с ней социальные явления – наркотизм и наркомания, стали глобальной угрозой человечеству во всем мире на рубеже XX-XXI вв. Наркопреступность, как сложное социально-правовое явление, представляет собой многоэтапную деятельность, в которую вовлечены наркодилеры, наркокурьеры, содержатели наркопритонов и потребители, что является одним из факторов, способствующих ее росту. Характер и степень общественной опасности этого вида преступности выражается в нарушении порядка общественных отношений, обеспечивающих безопасность здоровья населения.

Отрицательной тенденцией современной наркопреступности является не только неуклонный рост числа преступных деяний, в той или иной мере сопряженных с наркотиками и большого количества ежегодно конфискуемых наркотиков, но и ее организованность и превращение в «прибыльный бизнес». Так, только за 2012 г. правоохранительными органами и силовыми структурами Республики Таджикистан (РТ) из незаконного оборота изъято около 6 тонн наркотиков, в том числе героина – 515 кг, опия-сырца – 630 кг и наркотиков каннабисной группы – 4,8 тонн. По сообщению Агентства по контролю за наркотиками при Президенте РТ, по сравнению с 2011 г., объем изъятых наркотиков увеличился на 41,1% [1].

РТ старается внести существенный вклад в противодействие наркопреступности. Таджикистан является лидером по изъятию наркотических средств среди стран Центральной Азии и России. Об этом свидетельствует анализ по изъятию наркотиков в странах Центральной Азии и России за последние два десятилетия. Согласно этому анализу, в Таджикистане в период с 1994 по 2013 гг. из незаконного оборота изъяты 102 тонны 151 кг наркотиков, в том числе 33 тонны героина, 36,1 тонн опия, 31,6 тонн наркотиков каннабисной группы[2].

В 2012 г. в стране зарегистрировано 895 преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотиков. Доля наркопреступности от общего количества зарегистрированных преступлений составила 5,4%. К уголовной ответственности за совершение наркопреступлений привлечено 946 человек, в том числе 33 женщины. Среди общего числа задержанных – 28 иностранцев, в том числе 16 граждан Афганистана, 5 граждан Ирана, по два гражданина

[1] Источник:http://rus.akn.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=787:-2012-&catid= 48:statistika & Itemid=48

[2] Источник:http://rus.akn.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=1094:-20-2013-&catid=48:statistika & Itemid=48

Узбекистана и России, и по одному гражданину Украины, Кыргызстана и Казахстана. В свою очередь, по предварительным данным, в 2012 г. количество граждан РТ, задержанных за совершение наркопреступлений на территории других государств, составило 297 человек, в том числе 274 – в России (в 2011 г. – на 333 человека или 54,3 % больше)[1].

Так называемый «наркобизнес», наравне с незаконной торговлей оружием и проституцией, является «прибыльным видом» преступной деятельности. Несмотря на принимаемые меры противодействия, он становится все более привлекательным для отдельных граждан, имеющих низкий доход, и выступающий часто как одно из основных средств существования.

С наркопреступностью тесно связаны наркотизм и наркомания, однако каждый из них являются самостоятельными негативными явлениями, имеющие принципиальные различия, что предполагает дифференциацию мер борьбы с ними. На сегодняшний день среди ученых не выработана единая позиция по поводу определения правовой природы наркопреступности, наркотизма и наркомании. В правовом и криминологическом плане остаются недостаточно исследованными и аспекты проблем, связанные с немедицинским потреблением наркотиков, квалификации наркопреступности, назначения и исполнения наказаний в отношении лиц, связанных с незаконным оборотом наркотиков, а также вопросы социальной реабилитации наркозависимых лиц. Так, по данным министерства здравоохранения РТ, в 2012 г. количество зарегистрированных наркозависимых лиц в стране составило 7 тыс. 231 человек. Из них 219 – женщины, что по сравнению с 2011 г. на 8% меньше.

Ссылаясь на Агентство по контролю за наркотиками при Президенте РТ Н.Хамрабаева, отмечает, что «еще одним показателем наркоситуации в республике является высокий уровень потребителей инъекционных наркотиков. В 2012 г. их число от общего количества наркозависимых составило 4 тыс. 882 человека (67,5%)»[2].

Все это обуславливает объективную необходимость разработки и принятия, научно обоснованных мер противодействия указанным явлениям, особенно в вопросах противодействия организованным формам их проявления. В современной литературе приводится различная аргументация в подтверждение данной концепции[3].

В реальной жизни уголовно-правовое воздействие на преступность подвержено влиянию различных политических, экономических и других социальных факторов и приобретает разнообразнейшие формы, является результатом сложного взаимодействия не равных по своему значению социальных явлений.

Применительно к наркопреступности при осуществлении практической уголовной политики известны три подхода по использованию мер уголовно-правового воздействия на незаконный оборот наркотиков.

Предметом регулирования ФЗ «Об образовании в РФ» являются общественные отношения, возникающие в сфере образования в связи с реализацией права на образование, обеспечением государственных гарантий прав и свобод человека в сфере образования и созданием условий для реализации права на образование. Закон устанавливает правовые, организационные и экономические основы образования в Российской Федерации, основные принципы государственной политики в сфере образования, общие правила функционирования системы образования и осуществления образовательной деятельности, определяет правовое положение участников отношений в сфере образования. Поэтому полагаем, что разработка локальных нормативных актов в высших учебных заведениях может и должна вестись комплексным образом на основе законодательства с учетом организационных и экономических задач, решаемых высшим учебным заведением. Локальный нормативный акт, принимаемый в вузе, и регулирующий вид образовательной деятельности, направленной на создание условий для реализации права на образование, например, организацию учебного процесса, должен совокупно учитывать и перечисленные выше задачи, позволяя находить оптимальные пути решения этих задач, что возможно только с учетом современных методологических подходов.

Аннотатсия

Меъёрэҷоднамоии дохилии (локалии) муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар Россия: ҳолати муосир ва мушкилоти ҳуқуқтатбиқнамоӣ

Муаллифон ҳолати муосири меъёрэҷодкуниро дар соҳаи таҳсилоти олии Россия мавриди таҳлил қарор додаанд. Дар мақола хулоса пешниҳод шудааст, ки коркарди санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) дар мактабҳои олӣ бояд бо тариқи комплексӣ анҷом дода шавад, яъне он дар асоси қонунгузорӣ ва бо назардошти вазифаҳои ташкилӣ ва иқтисодие, мактаби олӣ онро ҳадафи худ қарор додааст, сурат гирад.

Аннотация

Локальное нормотворчество вуза в России: современное состояние и проблемы правоприменения

Авторами анализируется современное состояние локального нормотворчества в сфере высшего образования в России. Проводится анализ современного состояния данного вопроса. В статье делается вывод, что разработка локальных нормативных актов в высших учебных заведениях может и должна вестись комплексным образом на основе законодательства с учетом организационных и экономических задач, решаемых высшим учебным заведением.

Annotation

Norm-setting local high school in Russia: the current state and law enforcement

The author analyzes the current state of local law-making in the field of higher education in Russia. The analysis of the current state of the issue. The article concludes that the development of local regulations in higher education can and should be conducted in an integrated manner on the basis of the legislation taking into account the organizational and economic problems solved by the higher education institution.

ҶАМЪБАСТИ ТАҲРИБАИ СУДИИ ПАРВАНДАҲОИ БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ ТАФТИШИ ИЛОВАГӢ БАРГАРДОНИДАШУДА ДАР СОЛҲОИ 2010-2013 ВА НИМСОЛАИ АВВАЛИ СОЛИ 2014

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбасти таҳрибаи судии парвандаҳои барои гузаронидани тафтиши иловагӣ баргардонидашуда дар солҳои 2010-2013 ва нимсолаи аввали соли 2014 гузаронид.

Яке аз дастовардҳои асосии дар сатҳи Конституцсия пешбинишуда муқаррароти меъёри моддаи 5-и Сарқонун мебошад, ки мувофиқи он «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд».

Тибқи моддаи 14-и Сарқонун ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конституцсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд ҳифз мегарданд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд. Маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конституцсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

Бо мақсади таъмин намудани ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конституцсионӣ, тамомияти арзии ҷумҳурӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зарур мешавад, ки бо истифода аз чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ баъзан ҳуқуқҳои шаҳрвандонро маҳдуд намояд. Вале татбиқи онҳо тибқи тартиби муайяннамудаи қонун ва бар пояи далелҳои боэътимод бояд сурат гирад.

Мувофиқи моддаи 9-и КМҶ суд, судя прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ вазифадоранд, ки муқаррароти Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси номбурда ва дигар қонунҳоро ба таври дақиқ, якхела риоя намоянд.

Ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ риоя накардани талаботи қонун, сарфи назар аз он ки дар кадом асос роҳ дода шудааст, иҷозат дода намешавад ва боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун гардида, санадҳои ғайриқонунӣ қабулшуда беэътибор дониста, бекор карда мешаванд.

Мутобиқи талаботи моддаи 21 КМҶ - прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда вазифадоранд, ки барои ҳамаҷониба, пурра ва холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор тамоми чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд, ҳолатҳои ошкоркунанда, сафедкунанда, вазнинкунанда, сабуккунанда ва ҷавобгарии айбдоршавандаро муайян намоянд.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ соли 2010 95 парванда нисбати 175 шахс, соли 2011 75 парванда нисбати 101 шахс, соли 2012 60 парванда нисбати 84 шахс, соли 2013 83 парванда нисбати 117 шахс ва нимсолаи аввали соли 2014 8 парванда нисбати 8 шахс барои гузаронидани тафтиши иловагӣ баргардонида шудаанд.

Аз ҷумла, пас аз фиристодан ба тафтиши иловагӣ соли 2010 21 парванда нисбати 21 шахс, соли 2011 13 парванда нисбати 13 шахс, соли 2012 16 парванда нисбати 16 шахс, соли 2013 20 парванда нисбати 20 шахс пас аз гузаронидани тафтиши иловагӣ боз ба суд ворид шудаанд.

Омӯзиши парвандаҳо нишон дод, ки мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ асосан талаботи Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳоро риоя намуда, таҳқиқ ва тафтиши пешакии парвандаҳоро мувофиқи талаботи қонун анҷом медиҳанд.

Таи ин солҳо парвандаҳо бештар бо асоси бо таври ҷиддӣ вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ баргардонида шудаанд.

Ҳамчунин асоси ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳо ин аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ риоя нагардидани талаботҳои меъёрҳои моддаҳои 9, 12, 21, 72, 85, 88, 373 КМҶ ва қарорҳои зикргардидаи Пленуми Суди Олӣ ҷиҳати ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳодиҳии далелҳо, таъмини тафтиши ҳамаҷони-

ба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои кор бо парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад.

Чунончӣ, тибқи талаботи моддаи 7 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон шахс танҳо барои он кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати хавфнокии ҷамъиятии ба вуқӯъ пайвастани он, ки гуноҳи ӯ нисбати он муайян шудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Мувофиқи моддаи 72 КМҶ далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ маълумоти воқеие ба шумор мераванд, ки дар асоси онҳо суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда бо тартиби муайян намудаи Кодекси мазкур мавҷуд будан ё набудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, исбот гардидан ё нагардидани ҳолатро оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва ҳолати дигари барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдоштаро муқаррар мекунанд.

Бинобар риоя нагардидани талаботи моддаҳои номбурда бо таъиноти маҷлиси судии суди шаҳри Норак аз 28 ноябри соли 2012 парвандаи ҷиноятӣ нисбати К.Д. бо моддаи 142 қисми 2 бандҳои «в,г» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани тафтиши иловагӣ ба прокурори шаҳри Норак баргардонида шудааст.

Мақомоти тафтиши пешакӣ К.Д. барои содир намудани ҳаракатҳои бадахлоқона нисбати духтари ноболиғи угайяш О.С., ки баръало ба синни чордаҳсолагӣ нарасидааст, айб эълон намудаанд.

Дар айби эълонкардашуда дарҷ гардидааст, ки гӯё К.Д. ҳангоми дар ошхона будани ҳамсараш Ғ.З. ин кирдорро содир карда бошад.

Аз нишондодҳои ҷабрдидаи ноболиғ, намояндаи ҷабрдида ва шоҳидон дида мешавад, ки бинои хобгоҳ ҳуҷраҳои умумӣ дошта, дар онҳо ошхона ва дигар иморатҳои ёрирасони алоҳида набуда, дар як ҳуҷра хоб мекардаанд, хӯрок мепухтаанд ва менишастаанд, яъне ҳуҷрае, ки судшаванда бо аҳли оилааш зиндагӣ мекардааст, умуман ошхона вуҷуд надоштааст.

Мақомоти тафтиши пешакӣ санҷиши нишон дод дар ҷойи ҳодиса ва худи ҷойи ҳодисаро аз назар нагузаронида, ҳолати корро аниқ накардааст.

Аз хулосаи ташхиси судӣ-тиббӣ дида мешавад, ки ҳангоми гузаронидани муоинаи тиббӣ ҷабрдидаи ноболиғ О.С. изҳор кардааст, ки дар моҳи феврали соли 2012 бо ӯ Ш ном шахс алоқаи ҷинсӣ намудааст ва то он дам ӯ бо ягон нафар алоқаи ҷинсӣ накардааст ва бокира будааст, инчунин аз нишондодҳои ҷабрдидаи ноболиғ, намояндаи ӯ ва шоҳидон дар маҷлиси судӣ дида мешавад, ки С. ном шахс сокини шаҳри Норак дар манзили истиқоматиаш ҷабрдидаи ноболиғро нӯшокии спиртӣ дода, ӯро маст карда, бо се марди ба ҷабрдида ношинос ҳамхоба кардааст ва он мардҳо дар як вақт ҷабрдидаи ноболиғро таҷовуз кардаанд, посбони мактаб низ бо ҷабрдидаи ноболиғ алоқаи ҷинсӣ мекардааст.

Аз ин ҳодисаҳо дар тафтишоти пешакӣ ба прокурор ва кормандони милитсия хабар дода будаанд, вале мақомоти тафтиши пешакӣ шахсияти Ш. ва дигар шахсони дар боло зикргардидаро муайян накарда, умуман амалиётҳои тафтишӣ нагузаронидаанд. Инчунин аз хулосаи ташхиси номбурда бармеояд, ки пардаи бокирагии ноболиғ вайрон шудааст ва дар бадани ноболиғ ягон гуна ҷароҳатҳои ҷисмонӣ дида намешавад, яъне ба ду саволе, ки ба экспертҳо пешниҳод карда шудааст ҷавоб гирифта шудааст, вале мақомоти тафтиши пешакӣ дар назди коршинос савол нагузоштааст, ки вайроншавии бакорат аз таъсири кадом предмет ба амал омадааст.

Тибқи талаботи сархати 5 моддаи 209 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон агар аз рӯйи парванда муқаррар кардани ҳолати руҳӣ ва ҷисмонии ҷабрдида, шоҳид дар ҳолатҳое, ки қобилияти онҳо дар бораи дуруст дарк кардани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта ва додани нишондод доир ба онҳо таҳти шубҳа қарор мегирад, таъин ва гузаронидани экспертиза ҳатмист.

Аммо мақомоти тафтиши пешакӣ дидаю дониста, ки ҷабрдидаи ноболиғ, ки дар синни 13-солагӣ мебошад ва синну солаш имконияти дуруст дарк кардани ҳодисаро надорад, нисбати ӯ ташхиси судӣ-рӯҳшиносӣ (психиатрӣ) ва судӣ-равоншиносӣ (психологӣ) таъин накарда, оиди муайян кардани инкишофи руҳию ҷисмонӣ ва дурустии нишондодҳои ӯ экспертиза гузаронида нашудааст.

Инчунин, аз нишондодҳои ҷабрдидаи ноболиғ ва шоҳидон бармеояд, ки судшаванда К.Д. мунтазам ба майнӯшӣ машғул буда, ба хонааш доимо маст омада, бо оилааш ҷангу ҷанҷол карда, оромии ҳамсояҳоро халалдор мекардааст, вале нисбати ӯ ташхиси судӣ-наркологӣ оид ба он ки ӯ ба бемории майзадагӣ ва нашъамандӣ гирифтор аст ё не таъин карда нашудааст.

Тибқи талаботи банди 4 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2011 №13 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорие, ки баргардонидани парвандаи ҷиноятиро барои тафтиши иловагӣ ба танзим медарорад» ба маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои ба шахсони дар парванда иштироккунанда кафолатдодаи қонун, аз ҷумла он ҳолатҳое дохил мешавад, ки агар парванда бе иштироки ҳимоятгар мавриди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ қарор гирифта, иштироки ҳимоятгар тибқи қонун ҳатмӣ бошад ё ба таври дигар ҳуқуқи гумонбаршуда, айбдоршаванда барои доштани ҳимоятгар вайрон карда шуда бошад.

Ҳамчунин дар рафти таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ ҳуқуқи гумонбаршуда, айбдоршаванда дар бобати истифодаи забони модарӣ ё забоне, ки онро медонанд ё хизмати тарҷумон бояд риоя карда шавад.

Таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор вазифадоранд иштироки воқеии ҳимоятгарро бо мақсади ошкор ва пешниҳод намудани далелҳои сафедкунанда, ҳолатҳои сабуккунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва дигар ҳолатҳои ба қонун манънашуда таъмин намояд. Даст кашидан аз ҳимоятгар ба гумонбаршуда ва айбдоршаванда баъди таъмини воқеъии ҳимоятгар дар ҳузури ӯ дар асоси аризаи хаттии пешниҳоднамудаи онҳо иҷозат дода мешавад.

Аз маводи парвандаи ҷиноятӣ, алалхусус аз аризаи К.Д оиди даст кашидан аз хизмати ҳимоятгар ва тарҷумон дида мешавад, ки аз тарафи мақомоти тафтиши пешакӣ ариза дар ҳузури воқеии ҳимоятгар гирифта нашудааст. Инчунин аз нишондоди судшаванда К.Д дар маҷлиси судӣ бармеояд, ки миллаташ тотор буда, забони тоҷикиро намедонистааст, калимаҳои юридикиро тамоман сарфаҳм намерафтааст, мактаби миёнаи умумиро бо забони русӣ хатм кардааст. Аз ин рӯ, ӯ дар тафтиши пешакӣ хостааст бо забони русӣ нишондод диҳад, аммо ин хоҳиши ӯ аз тарафи мақомоти тафтиши пешакӣ рад карда шудааст, ки бо ин талаботи қисми 1 моддаи 52 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 4-и қарори Пленуми дар боло зикргардида вайрон карда шудааанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки парвандаи ҷиноятии мазкур бо таъиноти маҷлиси судӣ аз 24 майи соли 2013 бори дуюм барои гузаронидани тафтиши иловагӣ ба прокурори шаҳри Норак бинобар яктарафа бурдани тафтиши пешакӣ ва иҷро накардани нишондодҳои таъиноти маҷлиси судӣ аз 28 ноябри соли 2012 баргардонида шудааст.

Бо ҳамин асосҳо парвандаи ҷиноятӣ нисбати С.Б. бо моддаи 237 қисми 2 банди «г» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъиноти маҷлиси судии суди ноҳияи Хуросон аз 3 ноябри соли 2011 барои гузаронидани тафтиши иловагӣ ба прокурори вилояти Хатлон баргардонида шудааст.

Мутобиқи талаботи қисми 5 моддаи 145 КМҶ қарор оид ба ариза ва иттилоот дар бораи ҷиноят бояд дар муҳлати на дертар аз се шабонарӯз аз лаҳзаи гирифтани ариза ва иттилоот қабул карда шавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ прокурор барои гирифтани нишондоди иловагии шахси аризадиҳанда, талаб карда гирифтани ҳуҷҷатҳо, азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ин муҳлатро то даҳ шабонарӯз дароз карда метавонад.

Тибқи талаботи моддаи 146 қисми 1 Кодекси мазкур ҳангоми мавҷуд будани асосҳои пешбининамудаи моддаи 140 КМҶ таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул мекунад.

Вале, аз маводи парвандаи ҷиноятӣ нисбати Ш.Р бо моддаи 212 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки садамаи нақлиётӣ санаи 28 январи соли 2013 соати 8:00 рух дода, бо дархости муфаттиши ШТ ШВКД-и ноҳияи Данғара лейтенанти милитсия муҳлати санҷиши мавод оид ба садамаи нақлиётӣ то 6 феврали соли 2013 дароз карда шудааст. Аммо баъди ворид гардидани мавод ба прокурори ҳарбии горнизони Кӯлоб санаи 8 феврали соли 2013, бар хилофи меъёрҳои дар боло номбурда танҳо рузӣ 27 марти соли 2013 яъне пас аз гузаштани 1 моҳу 29 руз аз содир шудани садамаи нақлиётӣ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Зиёда аз он, мутобиқи талаботи қисми 1 моддаи 163 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбурди тафтиши пешакӣ танҳо пас аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ба тартиби муқарраркардаи Кодекси мазкур гузаронида мешавад. Муфаттиши калони прокуратураи ҳарбии горнизони Кӯлоб бошад, бар хилофи меъёри номбурда амал намуда, дар санаи 25 феврали соли 2013 бе оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ бо фиристодани роҳхатҳо ба коршиноси ҳарбии судӣ - тиббии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рӯзи 28 феврали соли 2013 бо ирсол намудани мактуб ба Сардори филиали маркази ҷумҳури-

явии санҷишгоҳи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон бо дарҷ намудани ҳолати садама ва гузоштани саволҳои муайянкунандаи ҳолати техникии воситаҳои нақлиётии ба садама дахолат дошта ва муқаррар кардани гунаҳгор будани ронандагони иштирокчии садама, масъалаи гузаронидани ташхисҳои судӣ-тиббӣ ва судӣ-автотехникиро пурсидааст ва баъд аз гирифтани хулосаи ташхиси судӣ-автотехникӣ парвандаи ҷиноятиро оғоз намудааст.

Бо парвандаи ҷиноятӣ таъин ва гузаронидани ташхис яке аз ҳаракатҳои мақомоти тафтиши пешакӣ ба ҳисоб рафта, тибқи меъёрҳои дар боло нишондодашуда танҳо пас аз оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ бояд таъин ва гузаронида шавад.

Тибқи талаботи моддаи 208 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муфаттиш таъини экспертизаро зарур шуморида, дар ин бора қарор қабул мекунад ва дар он саволҳои вобаста ба ҳолатҳои корро дар назди ташхисгар-эксперт мегузорад. Мувофиқи талаботи қисми 2 моддаи 212-и ҳамин Кодекс муфаттиш баъди аниқ кардани маълумоти зарурӣ дар бораи таъини экспертиза қарор мебарорад, онро ба коршинос месупорад, ба ӯ ҳуқуқ ва уҳдадориҳояшро фаҳмонида, барои дидаву дониста додани хулосаи бардурӯғ огоҳ менамояд.

Мутобиқи талаботи моддаи 210 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таъини кардан ва гузаронидани экспертиза, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва ҷабрдида ҳуқуқ доранд, бо қарори таъиннамудани экспертиза шинос шаванд; ба коршинос радия изҳор намоянд; саволҳои иловагӣ пешниҳод намоянд; дар вақти гузаронидани экспертиза ҳузур дошта бошанд ва ба коршинос саволҳо диҳанд, шарҳу тафсир кунанд.

Аммо бо парвандаи ҷиноятии номбурда, муфаттиши прокуратура доир ба ҳолатҳои кор қарор қабул накарда, ба мутахассис ҳуқуқ ва уҳдадориҳояшро нафаҳмонида, барои бардурӯғ додани хулоса огоҳ накарда, танҳо бо мактуб ва роҳхатҳо ба унвони мутахассисон мурочиат намуда, гузаронидани ташхиси судӣ-тиббӣ ва судӣ-автотехникиро пурсидааст, ки ин ҳолатҳо ҷиддан вайрон намудани талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, боиси риоя нагардидани ҳуқуқҳои мурофиавии гумонбаршуда, айбдоршаванда бо парвандаи ҷиноятӣ мебошанд.

Бинобар ҷой доштани ҳолатҳои зикргардида Раёсати Суди Олӣ санадҳои судии нисбати Ш.Н. бо моддаи 212 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулгардидаро бекор карда, баҳри бартараф намудани онҳо парвандаро барои гузаронидани тафтиши иловагӣ ба Прокуратураи генералӣ баргардонидааст.

Мувофиқи моддаи 21-и Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад. Давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад.

Аммо аз таҷрибаи судӣ бармеояд, ки мақомоти тафтиши пешакӣ ин талаботи Конституцияро на ҳама вақт ба инобат мегиранд.

Мисол, бо таъиноти маҷлиси судии суди ноҳияи Восеи вилояти Хатлон аз 16 январи соли 2014 парвандаи ҷиноятӣ бо айбдории К.А. бо моддаи 212 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст.

Дар рафти баррасии парванда бо дархости ҷабрдида Т.Қ. доир ба парванда экспертизаи иловагии комиссионии судӣ-тиббӣ таъин карда шудааст, ки мувофиқи он ҷароҳатҳои гирифтаи ҷабрдида ба зарари вазнин ба саломатӣ мансуб мебошад.

Мувофиқи моддаи 285 КМҶ айбдоркуниро дар суд тағйир додан мумкин аст, ба шарте, ки вазъи судшаванда бадтар нашавад ва ҳуқуқи ӯ ба ҳимоя риоя гардад.

Азбаски ин ҳолат вазъи судшаванда К.А. вазнин менамояд, суди марҳилаи якум парвандаро барои гузаронидани тафтиши иловагӣ баргардонида, ҷиҳати барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои вайронгардидаи ҷабрдида дар назди мақомоти тафтиши пешакӣ масъалагузорӣ намудааст.

Мисоли дигар, бо таъиноти маҷлиси судии суди ноҳияи Ҷиликули вилояти Хатлон аз 28 марти соли 2013 парвандаи ҷиноятӣ нисбати А. А. бо моддаҳои 104 қисми 1 ва 244 қисми 1 КҶ барои гузаронидани тафтиши иловагӣ баргардонида шуда, суд онро асос намудааст, ки дар кирдори ӯ аломати ҷинояти дар қисми 2 моддаи 104 Кодекси номбурда пешбинигардида ҷой дорад. Чунки мақомоти тафтиш ва суд муайян намудаанд, ки А.А дидаву дониста қасдан бо дастаи каланд якчанд маротиба ба сар, қисмати пушти сар, ҷоғ (даҳон) ва зонуи ҷабрдида С.Ф задааст, ки дар натиҷа охирин ҷароҳати ҷисмонӣ бардошта, ба замин афтида, беҳуш шудааст. Сипас, А.А либосҳои

С.Ф-ро бароварда, аз дасташ кашола карда ба лаби канали обгузар бурдааст, ки дар ин ҳолат охирин ба ҳуш омада, аз ҷояш хестанӣ шудааст. Вале А.А бо пояш ба қисмати шиками С.Ф задааст, ки ӯ ба канали обгузар афтида, ба ҳалокат расидааст.

Мутобиқи банди 9 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2009 сол №21 "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба одамкушӣ" ба шахсони дар ҳолати оҷизӣ қарордошта, аз ҷумла беморон, пиронсолон, дар ҳолати беҳушӣ ва мастии сахт қарор доштагон, хоб будагон, хурдсолон ва дар баъзе ҳолатҳо ноболиғон, шахсони гирифтори касалиҳои рӯҳӣ, ки бо ин сабаб моҳияти ҳодисаҳоро дуруст дарк карда наметавонанд ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Аммо мақомоти тафтиши пешакӣ ба ҳолатҳои дар боло зикршуда, аз ҷумла дар ҳолати беҳушӣ қарор доштани ҷабрдида С.Ф баҳои ҳуқуқӣ надодааст, ки ӯ дар ҳолати оҷизӣ қарор дошт ё не ва ин барои гунаҳгор аён буд ё не, оё ҷабрдида имконияти муҳофизат кардани худ ва муқобилият нишон додан ба гунаҳгорро дошт ё не, куштор бо бераҳмии махсус содир шудааст ё не муайян накарда, бармаҳал кирдори А. А-ро бо моддаи 104 қисми 1 КҶ банду баст намудааст.

Ҳангоми гузаронидани тафтиши иловагӣ ба А.А бо моддаҳои 104 қисми 2 бандҳои "в,л", 119 қисми 1, 170 ва 244 қисми 1 КҶ айб эълон карда, бо ҳукми суд ӯ бо ҳамин моддаҳо маҳкум гардидааст.

Мисоли навбатӣ, бо таъиноти маҷлиси судии суди ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон аз 20 апрели соли 2010 парвандаи ҷиноятӣ нисбати Р.А бо моддаи 142 қисми 2 банди «г» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст.

Тибқи талаботи диспозитсияи моддаи 142 қисми 2 банди «г» Кодекси номбурда ҳаракати шахс ҳамон вақт ҳамчун ҷинояти анҷом додани ҳаракатҳои бадахлоқона нисбат ба шахси баръало ба синни чордаҳсолагӣ нарасидааст банду баст карда мешавад, агар дар ҳаракатҳои шахс аломатҳои ҷинояти пешбининамудаи моддаҳои 138, 139 ва 140 ҳамин Кодекс набошад.

Мутобиқи тафсир ба моддаи 139 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдорҳои дорои хусусияти шаҳвонидошта, ки бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ нисбати ҷабрдида ё дигар шахси ба ӯ наздик ё истифодаи вазъияти оҷизонаи ҷабрдида ё нисбат ба шахси баръало ба синни чордаҳсолагӣ нарасида анҷом дода мешавад, бояд ки бо моддаи 139 Кодекси мазкур ҳамчун ҷинояти ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ банду баст карда шавад.

Ҳаракати дигари дорои хусусияти шаҳвонӣ дошта аз як тараф чунин маъно дорад, ки гунаҳгор бо мақсади қонеъ намудани нафси шаҳвонии худ нисбати ҷабрдида ҳама гуна ҳаракатҳоро ғайр аз ба амал баровардани алоқаи ҷинсӣ содир мекунад.

Вале, аз маводи парвандаи мазкур дида мешавад, ки Р.А. бо ангушташ пардаи бакорати ҷабрдидаи хурдсол М.Ф.-ро вайрон кардааст.

Бинобар ин, суди марҳилаи якум барои баҳо додани кирдори Р.А., ки оё аломати таркиби ҷинояти дар моддаи 139 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида ҷой дорад ё не, бо риояи талаботи моддаи 285 КМҶ парвандаро барои гузаронидани тафтиши иловагӣ баргардонидааст.

Ҳангоми гузаронидани тафтиши иловагӣ ба Р.А. бо моддаи 139 қисми 4 банди "а" КҶ айб эълон карда, аз ҷониби суд ӯ бо ҳамин модда маҳкум гардидааст.

Мутобиқи талаботи моддаи 85 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусият ва андозаи зараре, ки аз ҷиноят расидааст гуногун (молу мулкӣ, маънавӣ, ҷисмонӣ) буда метавонад. Агар аз ҷиноят зарари моддӣ расида бошад, онгоҳ ҳангоми гузаронидани мурофиа оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд аниқ карда шавад, ки бо кадом ҳаракатҳои айбдоршаванда ба ки бо кадом андоза чунин зарар расонида шудааст. Дар бисёр мавридҳо муайян кардани хусусият ва андозаи зарари моддӣ барои бандубасти дуруст, таъмини манфиатҳои ҷабрдида ва андешидани чораҳо барои барқарор кардани зарари аз ҷиноят расида аҳамият дорад.

Мувофиқи эзоҳи моддаи 244 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 26 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2004 таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллбӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ», эзоҳ ба моддаи 244-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифта, ҳолати молумулкии ҷабрдида, арзиши молу мулки тасарруфшуда ва аҳамиятнокии он ба ҷабрдида, андозаи музди меҳнат, нафақа, дар таъминоти ҷабрдида мавҷуд будани хурандагон, маҷмӯи даромади аъзои оила, ки

бо онҳо хоҷагии умумӣ мебарад ва ғайраро ба инобат гиранд.

Таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки мақомоти тафтиши пешакӣ на ҳама вақт ин талаботи қонун ва қарори Пленумро риоя мекунанд.

Масалан, бо қарори суди шаҳри Ваҳдат аз 28 майи соли 2012 парвандаи ҷиноятӣ нисбати С.Ш бо моддаҳои 247 қисми 3 банди «а» ва 247 қисми 4 банди «б» -и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тафтиши иловагӣ баргардонда шудааст.

Ба С.Ш барои даҳ лаҳзаи ҷинояти қаллобӣ бо роҳи расонидани зарари ҷиддӣ, калон ва махсусан калон ба ҷабрдидаҳо айб эълон карда шудааст.

Аз аризаи ҷабрдидаҳо бармеояд, ки ба онҳо зарари ҷиддӣ расонида шудааст.

Мақомоти тафтиши пешакӣ бошад, бар хилофи эзоҳи моддаи 244 КҶ ва қарори Пленуми зикршуда ҳолати молумулкӣ, арзиши молу мулки тасарруфшуда ва аҳмиятнокии он, андозаи музди меҳнат, нафақа, дар таъминоти ҷабрдида мавҷуд будани хӯрандагон, маҷмӯи даромади аъзои оила, ки бо онҳо хоҷагии умумӣ мебарад муайян накарда, ба С.Ш барои расонидани зарари калон ва махсусан калон айб эълон карда, хулосаи худро дар ин бора асоснок накардаанд.

Мисоли дигар, бо таъиноти маҷлиси судии суди ноҳияи Восеъи вилояти Хатлон аз 2 марти соли 2012 парвандаи ҷиноятӣ бо айбдории Б.Н. бо моддахои 32 кисми 3 ва 244 қисми 2 бандхои «а,в,г» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст.

Мақомоти тафтиши пешакӣ Б.Н-ро барои он айбдор кардаанд, ки гӯё ӯ аввалҳои моҳи сентябри соли 2011 тахминан соатҳои 23 ба 24 шаб дар холати мастӣ бо мақсади дуздӣ ба хонаи шаҳрванд А.С даромада, аз хонаи вай як адад гушвораки тиллоии «самоварчик» арзиши бозориаш 1200 сомони бударо тассаруф намудааст. Ба ғайр аз ин, ӯ шаби 08 октябри соли 2011 тақрибан соатҳои 23 ба 24 дар холати мастӣ бо мақсади дуздӣ ба хонаи шаҳрванд А.С даромада, ҳангоми кофтукови ҷевони хона аз ҷониби охирин шинохта шуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб задааст.

Мақомоти тафтиши пешакӣ Б.Н.-ро барои содир кардани ду лаҳзаи ҷиноят – дуздӣ ва сӯйиқасди дуздӣ, ки дар санаҳои гуногун содир шудаанд, айбдор карда, вале дар қисми хулосавии қарори ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ аз 19.01.2012 сол танҳо бо моддаҳои 32 қисми 3-244 қисми 2 бандҳои «а,в,г» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон айб эълон намуда, доир ба лаҳзаи дуздии хотимаёфта айб эълон накардаанд, ки ин боиси вайрон гардидани ҳуқуқу манфиатҳои ҷабрдида гардидааст.

Бояд қайд кард, ки дар моддаи 234 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо барои ғайриқонунӣ буридани дарахт, буттаҳо ё изғичи печон ё ҳамчунин расонидани зараре, ки ба сабзиши ояндаи онҳо дар ҷангалзори гуруҳи якум ё қитъаҳои махсус ҳифзшавандаи ҳамаи гуруҳои ҷангалзорҳо имконнопазир гардидааст, инчунин дарахту бутта ва изғичи печон, ки ба фонди ҷангал дохил нашудааст ё буридани онҳо манъ шудааст, агар бо ин кирдор зарари ҷиддӣ расонида шуда бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Аммо мақомоти тафтиши пешакӣ ҳангоми бо ин модда банду баст намудани кирдори айбдоршаванда на ҳама вақт ба ҳолатҳои кор баҳои дурусти ҳуқуқӣ медиҳанд.

Масалан, бо таъиноти маҷлиси судии суди ноҳияи Восеъи вилояти Хатлон аз 31-уми июли соли 2013 парвандаи ҷиноятӣ бо айбдории М.С. бо моддаи 234 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст.

М.С. барои он айбдор карда шудааст, ки аз назди манзили истиқоматии шаҳрванд В.Қ. худсарона ва ғайриқонунӣ бе иҷозати мақомоти дахлдор шонздаҳ бех дарахтони сояафкани қарағайро бо табар буридааст.

Мақомоти тафтиши пешакӣ ҷиҳати муайян кардани андозаи зарари аз ҷониби М.С. ба давлат ва табиат расонидашуда ягон амали тафтишӣ нагузаронида, танҳо бо гирифтани маълумотномаи бахши муҳити зист маҳдуд шудааст.

Дар рафти баррасии парванда бо дархости М.С. доир ба парванда экспертизаи экологӣ таъин карда шудааст, ки мувофиқи он охирин на дарахт, балки буттаҳои айлани синнашон аз 3-4 сола боло набудаи буттаҳои худрӯи табииро буридааст, ки дар тавозуни ҷамоат қарор доранд ва онҳо ба ягон намуди фонди ҷангал мансуб нестанд. Пас аз буридан ин буттаҳо имкони сабзиданро дошта, ҷояшон барои сабзидан мувофиқ аст.

Мақомоти тафтиши пешакӣ бошад, дар кирдори М.С. будан ё набудани кирдори ҷиноятиро баҳои ҳуқуқӣ надода, бармаҳал ба ӯ

айб эълон намудааанд, ки минбаъд парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шудааст.

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 250 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз тасдиқ кардани фикри айбдоркунӣ прокурор ба айбдоршаванда супоридани нусхаи фикри айбдоркунӣ ва замимаи онро таъмин мекунад.

Мувофиқи моддаи 247 қисми 1 Кодекси номбурда прокурор вазифадор мебошад масъалаҳое, ки бо парвандаи ҷиноятӣ, ки бо фикри айбдоркунӣ ворид шудааст, дар муҳлати ҳафт шабонарӯз ҳал намояд.

Ҳолатҳое ҷой доранд, ки аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ин талаботи қонун риоя намегардад.

Масалан, бо Қарори суди ноҳияи Носири Хисрав аз 14 июни соли 2012 парвандаи ҷиноятӣ нисбати Д.П. бо моддаи 163 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тафтишоти иловагӣ ба прокурори ноҳияи номбурда баргардонида шудааст.

Аз маводи парвандаи мазкур дида мешавад, ки парвандаи ҷиноятӣ 25 декабри соли 2010 оғоз карда, бо тартиб додани фикри айбдоркунӣ 4 апрели соли 2011 ба итмом расонида шудааст. Тибқи мактуб аз 20 апрели соли 2011 парвандаи ҷиноятӣ гӯё ба суд ирсол гардида бошад, аммо парванда 5 июни соли 2012, яъне баъди гузаштани як солу ду моҳ ба суд ворид гардидааст.

Ҳамзамон, ба Д.П нусхаи фикри айбдоркунӣ супорида нашуда, масъалаи нисбати ӯ татбиқ кардан ё накардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 августи соли 2011 №764 «Дар бораи авф» ҳал нагардидааст, ки бо ин талаботи моддаи 372 сархати 4 КМҶ, яъне қонуне, ки бояд татбиқ карда мешуд, татбиқ карда нашудааст, риоя нагардида, ҳуқуқҳои айбдоршаванда халалдор шудааанд.

Дар асоси талаботи сархати дуюми моддаи 85 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ ҳолатҳое, ки шахсияти айбдоршавандаро муайян мекунанд, бояд исбот карда шаванд.

Чунин ҳолат дар сархати якуми қисми 1 моддаи 90 Кодекси мазкур, ки тибқи он ҳангоми пешбурди тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ доир ба парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба ноболиғон бо муайян кардани синну соли ноболиғ (рӯз, моҳ, соли таваллуд) диққати махсус додан лозим аст, пешбинӣ шудааст.

Аммо ин талаботи қонун на ҳама вақт аз ҷониби мақомоти тафтиши пешакӣ риоя мегарданд.

Масалан, бо таъиноти маҷлиси судии суди шаҳри Қурғонтеппа аз 8 майи соли 2013 парвандаи ҷиноятӣ нисбати ноболиғ А.Э. бо моддаи 139 қисми 4 банди «а»-и КҶ барои гузаронидани тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст.

Ҳангоми тафтиши пешакӣ ба синну соли айбдоршавандаи ноболиғ шубҳа карда, барои муайян намудани синну соли аниқи ӯ экспертизаи суддӣ-тиббӣ таъин карда шудааст, ки тибқи хулосаи комиссионии Маркази ҷумҳуриявии ташхиси судӣ-тиббӣ таҳти №36 аз рӯйи симои зоҳирӣ, қаду баст, афзоиши бадан ва ченаки антропометрӣ сину соли ноболиғ А.Э. ба сини 13-14-солагӣ мувофиқат мекунад.

Мувофиқи банди 7 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.12.2002 сол, бо тағйиру иловаҳо аз 23.06.2010 сол “Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оиди ҷиноятҳои ноболиғон” дар назар доштан лозим аст, ки мутобиқи моддаи 425 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардани синну соли ноболиғ ба гуруҳи ҳолатҳое дохил мешаванд, ки доир ба парвандаҳои ноболиғон муайян карда шуданашон ҳатмӣ аст. Дар вақти муайян кардани синну соли ноболиғ дар назар доштан зарур аст, ки шахс ба синну соле, ки мувофиқи қонун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, на аз рӯзи таваллудаш, балки аз соати сифри шабонарӯзи дигар мерасад.

Ҳангоми тавассути экспертизаи судӣ-тиббӣ аниқ намудани синну соли судшаванда рӯзи таваллуди ӯ рӯзи охирини ҳамон соле, ки аз тарафи экспертҳо номбар шудааст, ҳисобида мешавад ва дар вақти муайян намудани синну сол бо адади камтарин ва баландтарин ба суд лозим аст, ки синни камтарини пешниҳодкардаи экспертҳоро ба инобат гирад.

Аз хулосаи экспертизаи судӣ-тиббӣ ва экспертизаи комиссионии судӣ-тиббӣ бармеояд, ки сину соли камтарини айбдоршавандаи ноболиғ А.Э. сенздаҳсоларо ташкил медиҳад, ки ин сину сол тибқи талаботи қисми 2 моддаи 23 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти ҷинояти дар моддаи 139 Кодекси мазкур шуданро истисно менамояд.

Ба ин нигоҳ накарда, нисбати ноболиғ А.Э. ҳамчун субъекти ҷиноят айб эълон карда шудааст.

Ҳамчунин, бо парвандаи мазкур талаботи қисми 1 моддаи 430 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳангоми пурсиши гумонбаршуда, айбдоршавандаи ба синни шонздаҳ нараси-

да иштироки омӯзгор ва равоншинос ҳатмӣ мебошад риоя нагардида, ноболиғ А.Э. дар тафтишоти пешакӣ бе иштироки равоншинос пурсида шудааст.

Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 76 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гуноҳи худ иқрор шудани айбдоршаванда барои гунаҳгор эътироф кардани ӯ асос шуда наметавонад, ба шарте ки он бо маҷмӯи далелҳои дар парванда ҷамъовардашуда исбот нашуда бошад.

Мувофиқи қисмҳои 2-3 моддаи 15 Кодекси номбурда бошад, уҳдадории исботи айб ба зимаи айбдоркунанда гузошта мешавад. Айбдоршаванда уҳдадор нест, ки бегуноҳии худро исбот намояд.

Ҳангоми тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ нисбати Н.Ҷ. бо моддаи 245 қисми 2 бандҳои “а,г” КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи қонуни зикргардида риоя нашудааст, ки оқибат бо таъиноти маҷлиси судии суди ноҳияи Балҷувон аз 19 июли соли 2013 парвандаи мазкур барои гузаронидани тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст.

Зимни мурофиаи судӣ муайян гардидааст, ки мақомоти тафтиши пешакӣ нишондоди айбдоршаванда Н.Ҷ.-ро дар хусуси аз ҷониби ӯ содир гардидани ҷиноят ҳамчун далели гунаҳгории ӯ ба инобат гирифта, дигар далелҳое, ки барои исботи гуноҳи ӯ асос шуда тавонанд ҷамъ наовардаанд. Намояндаи даъвогари граждани Ҳ.М. шоҳидон М.С., З.Б. ва Н.Б. дар мурофиаи судӣ нишондод додаанд, ки оид ба ҳолати азонихудкунии се сар ҳайвони калони шохдор аз ҷониби Н.Ҷ. ва дар бозор бурда фурухтани онҳо умуман хабар надоранд ва нашунидаанд. Худи судшаванда Н.Ҷ бошад дар мурофиаи судӣ нишондодашро дар хусуси дар бозор бурда фурӯхтани се сар ҳайвони калони шохдори аз ҳисоби подаи дар ихтиёраш буда ва дар рузгораш сарф кардани маблағи бадастовардаро рад карда, иброз намудааст, ки ин нишондодашро дар зери фишори муфаттиш додааст.

Ҳамчунин аз айби эълонкардашуда дида мешавад, ки гӯё Н.Ҷ. зарари ба хоҷагии С.С ноҳияи Балҷувон расонидаашро пурра барқарор намудааст, вале дар қабати парвандаи ҷиноятӣ ҳуҷҷати тасдиккунандаи пардохти зарар мавҷуд нест. Ҳамзамон бо парвандаи мазкур андозаи маблағи зарар бо пуррагӣ муайян карда нашудааст.

Мутобиқи талаботи қисми 1 моддаи 42 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷабрдида шахсест, ки сарфи назар аз синну сол, ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонӣ ба ӯ аз ҷиноят зарари ҷисмонӣ, моддӣ, маънавӣ расонида шудааст, инчунин шахсе мебошад, ки ҳуқуқу манфиатҳои ӯ зери таҳдиди бевоситаи сӯиқасд ба ҷиноят қарор гирифтааст. Инчунин ҷабрдида шахси ҳуқуқие низ эътироф шуда метавонад, ки дар натиҷаи содир гардидани ҷиноят ба ӯ зарари моддӣ ё маънавӣ расидааст. Дар ин сурат ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷабридидаро намояндаи шахси ҳуқуқӣ татбиқ мекунад.

Мувофиқи қисми 1 моддаи 60 Кодекси мазкур шахси холис шахсест, ки ба ҳалли парвандаи ҷиноятӣ манфиатдор нест ва барои иштирок дар амали тафтишӣ ё дигар амали мурофиавӣ барои тасдиқи далели пешбурди он, мазмун, ҷараён ва натиҷаҳои он аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя даъват шудааст.

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 183 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми азназаргузаронии манзили истиқоматӣ бояд ҳозир будани шахси болиғи маскуни он таъмин карда шавад. Дар сурати имконнопазирии ҳозир шудани ӯ намояндагони ташкилоти манзилию коммуналӣ ё маъмурияти маҳаллӣ даъват карда мешаванд ва азназаргузаронии манзил бо риояи талаботи моддаи 13 Кодекси мазкур амалӣ мегардад.

Бо таъиноти маҷлиси судии суди шаҳри Истаравшан аз 26 феврали соли 2013 парвандаи ҷиноятӣ нисбати Р.Д. бо моддаи 338 қисми 3 банди «а» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар риоя нагардидани талаботи моддаҳои дар боло зикргардида барои гузаронидани тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст.

Муайян гардидааст, ки бо парвандаи мазкур А.Ф ҷонишини раиси кумитаи заминсозии шаҳри Истаравшан ва намояндаи дигари он Ҷ.Х. ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, яъне манзили истиқоматии айбдоршаванда Р.Д. ҳамчун шахсони холис иштирок намуда, А.Ф. ҳамчунин ба сифати ҷабрдида ва даъвогари граждани эътироф гардидааст. Ҳол он ки онҳо ҳамчун шахси манфиатдор ба ҳисоб рафта, мақомоти тафтиши пешакиро лозим буд, ки ба ҳайси ҷабрдида ва даъвогари граждани сарвар ё дигар намояндаи хоҷагии деҳқонии Чавкандаки шаҳри Истаравшанро эътироф менамуд, чунки замини ишғолнамудаи Р.Д. маҳз ба ҳамин хоҷагии деҳқонӣ тааллуқ дошта, зарар ба он расонида шудааст. Ҳамзамон,

зимни амали тафтишии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, яъне манзили истиқоматии Р.Д. иштироки воқеии ӯ таъмин карда нашуда, дар протоколи ин амали тафтишӣ имзои Р.Д. гузошта нашудааст.

Ҳамин тариқ ҷамъбастӣ нишон дод, ки дар баъзе мавридҳо мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ҳангоми ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳӣ ба далелҳо ба хатогӣ роҳ медиҳанд, ки дар натиҷа ҳуқуқу манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи инсон ва шаҳрвандон, ки дар моддаҳои мухталифи Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, риоя карда намешаванд.

Аз ин рӯ, бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ҷиҳати таъмини ҳуқуқу манфиатҳои инсон ва шаҳрвандон зимни бурдани таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, тафтиши пурра, ҳамаҷониба ва холисонаи парвандаҳо мувофиқи мақсад меҳисобем, ки аз натиҷаи ҷамъбастии мазкур барои чораандешӣ ба маълумоти Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида шавад.

Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТАФСИРИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ»

Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Раҳимов Маҳмад Забирович

(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта)

БОБИ 2
НАМУДҲОИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

Моддаи 14. Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, асосҳои сохтори конституцсионӣ, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ташкили ҳокимияти давлатиро муайян мекунад.

2. Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон набояд хилофи Конституцсия бошанд. Дар мавриди ба меъёрҳои Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат доштани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё қисмҳои таркибии онҳо, меъёрҳои Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд.

1. Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки он 6 ноябри соли 1994 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидааст. Дар он муҳимтарин меъёрҳои ҳуқуқӣ доир ба асосҳои сохтори конституцсионӣ, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд ва ташкили ҳокимияти давлатӣ муайян шудааст. Асосҳои сохтори конституцсионӣ дар боби аввали Конституцсия пешбинӣ шудааст ва дар он муҳимтарин масъалаҳои ҳуқуқӣ ва идоракунии давлатӣ, аз ҷумла меъёрҳо доир ба сохти идоракунии давлатӣ, забон, рамзҳои давлатӣ, арзиши оли доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва дигар масъалаҳои муҳим муқаррар карда шудааст. Муҳимтарин ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар боби дуюми Конституцсия муқаррар шудааст. Дар ин боб ҳуқуқҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, уҳдадориҳо ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд пешбинӣ шудааст (масалан, ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқ ба озодии сухан ва ғ.). Ташкили ҳокимияти давлатӣ дар бобҳои 3-9 доир ба Маҷлиси Олӣ, Президент, Ҳукумат, Ҳокимияти маҳаллӣ, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Суд ва Прокуратура пешбинї карда шудааст.

2. Дар қисми дуюми моддаи тафсиршаванда ду масъалаи муҳим зикр шудааст: 1) эътибори олии ҳуқуқӣ доштани Конституцсия, 2) мустақиман амал намудани меъёрҳои он.

Эътибори олии ҳуқуқӣ доштани Конституцсия дар моддаи 10 Конституцсия ва дар ҷумлаҳои охири қисми 2 моддаи тафсиршаванда мушаххас пешбинӣ шудааст. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конституцсия мебошанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд ва дар ҳолати мухолифати онҳо бо Конституцсия, бартарӣ ба меъёрҳои Конституцсия дода мешавад. Ҳамзамон, дар моддаи мазкур пешбинӣ шудааст, ки санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф менамояд, набояд хилофи Конституцсия бошанд. Барои он ки чунин мухолифат ба вуҷуд наояд ва қонунгузорӣ дар ҳолати «ногувор» намонад, ҳангоми аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонидани санадҳои байналмилалӣ онҳо бояд аз ҷиҳати мувофиқат ба Конституцсия мавриди таҳлил қарор дода шаванд.

Мустақиман амал намудани меъёрҳои Конституцсия, ду ҷиҳат дорад: 1) он давоми мантиқии эътибори олии ҳуқуқӣ доштани Конституцсия мебошад; 2) дар амал бевосита ва мустақиман татбиқ намудани меъёрҳои Конституцсия дар назар дошта мешавад. Ҷиҳати дуюми масъала хусусияти амалӣ дорад. Меъёрҳои Конституцсия мустақиман амал менамоянд. Дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, махсусан судӣ, чунин ҳолат бояд бештар мавриди таваҷҷуҳ бошад. Бо ин роҳ, Конституцсия омили асосии мустаҳкам намудани эътиқод ва ҷаҳонбинии ҳуқуқии мардум мегардад.

Моддаи 15. Қонуни бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида

1. Қонуни бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида санади меъёрии ҳуқуқиест, ки аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо овоздиҳии умумихалқӣ қабул гардида, масъалаҳои муҳими ҳаёти давлатию ҷамъиятии ҷумҳуриро танзим мекунад.

2. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулшуда ва ё бекор кардани он танҳо бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ амалӣ мегардад.

1. Агар ба матни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аҳамият диҳем, дар он се намуди қонунҳо номбар шудаанд: қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардида, қонунҳои конституцсионӣ ва қонунҳо.

Қонунҳои мазкур ба назари мо аз якдигар бо се хусусият фарқ менамоянд: 1) бо тартиби қабул, 2) таносуби ҷойгиршавӣ дар низом, 3) мазмуни фарогирии муносибатҳои ҷамъиятӣ.

Дар қисми якуми моддаи тафсиршаванда ду масъала мавриди таваҷҷӯҳ аст: 1) Қонуни бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида санади меъёрии ҳуқуқиест, ки аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо овоздиҳии умумихалқӣ қабул мегардад; 2) чунин қонун масъалаҳои муҳими ҳаёти давлатию ҷамъиятии ҷумҳуриро танзим мекунад.

Тартиби гузаронидани раъйпурсӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 1995, №106 «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда мешавад. Дар моддаи 1 қонуни мазкур пешбинӣ шудааст қарорҳое, ки раъйпурсии умумихалқӣ қабул менамояд, эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, ба ҳеҷ гуна тасдиқшавӣ эҳтиёҷ надоранд ва иҷрои онҳо дар тамоми қаламрави Тоҷикистон ҳатмист. Дар таҷрибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳое, ки тавассути раъйпурсӣ қабул шуда бошанд мавҷуд нест.

Тавассути раъйпурсӣ қонунҳое бояд қабул шаванд, ки масъалаҳои муҳими ҳаёти давлатию ҷамъиятиро фаро мегиранд. Чунин масъалаҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мушаххас номбар нашудаанд. Аммо қонунгузор ҳолатҳои истисноӣ пешбинӣ намудааст, ки тибқи моддаи 100-уми Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд ва воҷиби ба раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоштан намебошанд. Масъалаҳои оид ба сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон, андоз, буҷет, тақсимоти маъмурии марзӣ, дидани чораҳои фавқулоддаю фаврии ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сиҳатӣ ва амнияти шаҳрвандон, тағйир додани мақом ва тамомияти арзии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ҳамчунин масъалаҳои вобаста ба таъин ва озод кардани шахсони мансабдоре, ки ба салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл доранд, инчунин масъалаҳое, ки бо иҷрои уҳдадориҳо аз рӯи шартномаҳои байналмилалии ҷумҳурӣ вобаста мебошанд, наметавонанд ба раъйпурсии умумихалқӣ гузошта шаванд (моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон»).

Ҳуқуқи ташаббуси пешниҳод кардани таъин кардани раъйпурсӣ (ба ғайр аз масъалаи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Президент ё ҳадди ақал аз се як ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад) ба на камтар аз се як ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё на камтар аз се як ҳиссаи шумораи умумии вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

тааллуқ дорад. Раъйпурсиро Маҷлиси намояндагон тибқи тартиби боби 24 Дастури Маҷлиси намояндагони МО ҶТ аз 10 апрели соли 2013, №1145 таъин мекунад.

2. Дар техникаи қонунгузорӣ, қоидаи умумие вуҷуд дорад, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ дар кадом сатҳе ки қабул шуда бошад, дар ҳамон сатҳ метавонад тағйир ва бекор карда шавад. Дар қисми 2 моддаи тафсиршаванда пешбинӣ шудааст, ки қонунҳои тавассути раъйпурсӣ қабулшуда, танҳо бо роҳи раъйпурсӣ метавонанд бекор ё тағйир дода шаванд. Инчунин ҳастанд санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки онҳоро ғайр аз мақомоте, ки қабул кардааст, инчунин мақомоти болоӣ низ ҳуқуқи тағйир ва бекор кардан дорад (масалан, санадҳои Маҷлиси вакилони халқ, натанҳо аз ҷониби худи он, инчунин аз ҷониби мақомоти болоӣ низ метавонад бекор карда шавад). Аммо чунин ҳолат ба қонунҳои бо раъйпурсӣ қабулшаванда дахл надорад, зеро тибқи моддаи 6 Конституцсия «Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад». Яъне санаде, ки халқ тавассути раъйпурсӣ қабул мекунад, танҳо бо раъйпурсӣ имкон дорад, ки бекор ё тағйир дода шавад.

Моддаи 16. Қонуни конституцсионӣ

Қонуни конституцсионӣ санади меъёрии ҳуқуқиест, ки муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба танзим дароварда, мавзӯи танзим ва тартиби қабули он дар Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

Қонунҳои конституцсионӣ оид ба масъалаҳое қабул мешаванд, ки Конституцсия муайян намудааст. Масалан, қабули қонунҳои конституцсионӣ доир ба масъалаҳои тартиби таъсис ва тағйири воҳидҳои марзиву маъмурӣ (моддаи 7) тартиби ба шаҳрвандӣ қабул шудан ва аз он хориҷ гардидан (моддаи 15), баргузории интихобот ва раъйпурсӣ (моддаи 27), низоми ҳуқуқии вазъияти фавқуллода (моддаи 47), ташкил ва фаъолияти Маҷлиси Олӣ (моддаи 48), Вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон (моддаи 51), тафсири Конституцсия (моддаи 61), тартиби ташкил, фаъолият ва салоҳияти Ҳукумат (моддаи 74), тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ (моддаи 78), салоҳияти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соҳаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ваколатҳои дигари вилоят (моддаи 83), тарзи ташкил ва фаъолияти суд (моддаи 84), фаъолият, салоҳият ва сохтори мақомоти прокуратура (моддаи 95), бевосита дар Конституцсия пешбинӣ шудааст.

Айни ҳол 14 қонуни конституцсионӣ доир ба масъалаҳои зикршуда қабул шудаанд (аз ҷумла, Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра).

Аз масъалаҳои номбаршуда, то ҳол қонуни конституцсионӣ доир ба тафсири Конституцсия қабул нашудааст (тибқи моддаи 61 Конституцсия тафсири Конституцсияро Маҷлиси Олӣ, дар шакли қонуни конституцсионӣ қабул менамояд).

Тартиби қабули қонунҳои конституцсионӣ дар моддаҳои 61-62 Конституцсия пешбинӣ шудааст. Қонунҳои конституцсионӣ бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Маҷлиси намояндагон қабул мегарданд ва Маҷлиси миллӣ бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои худ ҷонибдорӣ мекунад.

Дар сурати бо Қарори Маҷлиси миллӣ норозӣ будани Маҷлиси намояндагон, қонуни конституцсионӣ ҳамон вақт қабулшуда ҳисоб мешавад, ки агар Маҷлиси намояндагон онро такроран бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон тасдиқ намояд.

Қонунҳо барои имзо ва интишор ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд. Агар Президент ба Қонун ё ба қисме аз он розӣ набошад, қонунро дар муддати понздаҳ рӯз бо далелу эродҳо ба Маҷлиси намояндагон бармегардонад. Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо тартиби муқарраркардаи Конституцсия, қонуни мазкурро такроран баррасӣ менамоянд. Дар сурати баррасии такрорӣ қонун дар матни пештар

қабулшудааш бо аксарияти аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дастгирӣ ёбад, Президент дар муддати даҳ рӯз ба қонун имзо мегузорад ва онро интишор менамояд (моддаи 62 Конституцсия).

Ҳангоми баррасии қонуни аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонидашуда, ки онро пештар Маҷлиси намояндагон бо аз се ду ҳиссаи овозҳо қабул намуда буд, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон онро такроран бо аксарияти на камтар аз се ду ҳиссаи овозҳо тарафдорӣ мекунанд.

Агар Президент қонуни конституцсиониро баргардонад, Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ бо тартиби муқарраркардаи Конституцсия қонуни мазкурро такроран баррасӣ менамоянд. Дар сурати баррасии такрорӣ қонуни конституцсионӣ дар матни пештар қабулшудааш бо аксарияти аз чор се ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон тасдиқ шавад, Президент дар муддати даҳ рӯз ба қонуни конституцсионӣ имзо мегузорад ва онро интишор менамояд (моддаи 62 Конституцсия).

Моддаи 17. Кодекс

Кодекс қонуни ягона ва мураттабгаштае аст, ки тавассути он соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ пурра, бевосита ва бонизом танзим карда мешавад.

Тибқи моддаи тафсиршаванда, кодекс низ як намуди қонун аст ва дар он муносибатҳои ҷамъиятии ҳамрадиф, бо низом ва бевосита ба танзим дароварда мешаванд. Баъзан дар як соҳа қонунҳои зиёде қабул мешаванд, ки маъмулан меъёрҳои умумиаашон такрори якдигаранд. Бинобар ин чунин қонунҳоро кодификатсия намуда, меъёрҳои умумиро дар қисми умумии кодекс ва меъёрҳои махсусашро дар қисмҳои алоҳида ҳамчун қисмҳои махсуси кодекс мураттаб менамоянд.

Айни ҳол дар Тоҷикистон 18 кодекс қабул шудааст (Кодекси граждани, Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси оила ва ғайра). Тартиби қабули кодексҳо бо тартибе, ки барои қабули қонунҳо пешбинӣ шудааст, сурат мегирад.

Таносуби Кодекс ва қонунҳо дар қонунгузорӣ гуногун арзёбӣ шудааст. Масалан, дар моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» кодекс ва қонунҳо дар як сатҳ навишта шудааст. Аммо дар баъзе кодексҳо таъкид мешавад, ки қонунҳои қабулшаванда бояд ба талаботи кодекс мувофиқ бошанд, яъне бартарии кодекс пешбинӣ шудааст. Масалан, дар моддаи 2 Кодекси граждани муқаррар шудааст «Меъёрҳои қонунҳои граждание, ки дигар қонунҳо ва асноди дигари қонунӣ дар бар гирифтаанд, бояд бо ҳамин Кодекс мутобиқ бошанд», ин ки дар қисми 3 моддаи 2 Кодекси андози ҶТ пешбинӣ шудааст, ки «дар ҳолати мухолифат байни муқаррароти Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсадҳои андозбандӣ муқаррароти Кодекси мазкур истифода бурда мешаванд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки масъалаҳои андозбандиро дар бар мегиранд, бояд ба муқаррароти Кодекси мазкур мутобиқат намоянд». Ба назари мо дар оянда ҳангоми такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таносуби кодекс ва дигар қонунҳо бояд мушаххас нишон дода шавад.

Моддаи 18.Қонун

Қонун санади меъёрии ҳуқуқиест, ки мутобиқи тартиби муқарраршуда аз тарафи мақоми қонунгузор қабул мегардад ва муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро танзим мекунад.

Мутобиқи моддаи тафсиршаванда, қонун як намуди санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад ва чун қоида тамоми хусусиятҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқро доро мебошад. Чунин хусусиятҳои қонунро баён намудан лозим аст:

1) Хусусияти умумиҳатмӣ дорад. Яъне қоидаи рафторро муқаррар, тағйир ва ё қатъ менамояд. Мисол, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку” амалӣ намудани фаъолият оид ба фурӯши чакана ва яклухти маҳсулоти тамокуро танҳо ба воситаи иҷозатнома пешбинӣ намудааст.

2) Тартиби махсуси қабул дорад. Дар Конституцсия (Сарқонун) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Дастури Маҷлиси

миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастури Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олӣ ва Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тартиби қабул намудани қонун пешбинӣ карда шудааст: лоиҳаи қонун ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ аз тарафи субъектоне, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд, пешниҳод карда мешавад. Мувофиқи моддаи 58 Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд. Лоиҳаи қонун аз ҷониби субъектҳои номбаршуда ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад. Лоиҳаи қонун дар бораи авф аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаи қонун дар бораи буҷети давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад. Қонун бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилон қабул мегардад. Қонунҳое, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намудааст, ғайр аз қонунҳо дар бораи авф ва буҷети давлатӣ, барои ҷонибдорӣ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Қонунҳои аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда, дар муддати 15 рӯз барои ҷонибдорӣ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда мешаванд. Қонуни баррасишаванда бо овоздиҳии кушод бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзоёни Маҷлиси Миллӣ ҷонибдорӣ карда мешавад. Баъд аз ин, дар шакли қабулшуда, қонун ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои имзо ва интишор фиристода мешавад. Пас аз гузаштани тартиби дар боло зикршуда, қонун эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунад.

3) Муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро танзим менамояд. Қонун бо хусусияти мазкур аз санадҳои зерқонунӣ фарқ менамояд. Мисол, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бозори қоғазҳои қимматнок” муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар раванди барориш, паҳнкунӣ, гардиш ва пардохти коғазҳои қиматноки эмиссионӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии эмитент, хусусияти таъсисдиҳӣ ва фаъолияти субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок ба вуҷуд меоянд, танзим менамояд.

Моддаи 19. Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки мутобиқан дар ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷаласаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи салоҳиятҳои пешбининамудаи Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузорӣ қабул гардидаанд (Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 № 730).

2. Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусияти фардӣ ва ташкилию амрдиҳӣ доранд, санади меъёрӣ намебошанд.

1. Тибқи моддаи тафсиршаванда Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд, яъне онҳо хусусияти умумиҳатмӣ доранд. Маҷлисҳои Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ дар мавридҳои пешби никардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаҳои якҷоя мегузаронанд. Ва онҳо дар ҷаласаҳои якҷояи худ аз рӯи салоҳияташон, доир ба масъалаҳои зерин метавонанд, қарор қабул намояд:

– тасдиқи фармони Президент дар бораи таъйин намудан ва озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукумат;
– тасдиқи фармони Президент дар бораи ҷорӣ намудани ҳолати ҷангӣ ва вазъияти фавқулодда;
– ризоият ба истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди он барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон;
– таъйини интихоботи Президент;
– қабули истеъфои Президент;
– сарфароз гардонидани Президент бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаи олии ҳарбӣ;
– баррасии масъалаи дахлнопазирии Президент.

Қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо аксарияти овозҳои шумораи умумии аъзо ва вакилон қабул карда мешаванд.

Дар ҳолатҳои пешбиникардаи Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Дастури Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо қабул мекунад, ки ба онҳо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо мегузорад. Мисол, Қарори Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тағйир додани номи баъзе аз маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон” аз 14.09.2012с., таҳти №418. Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ қабул карда мешавад. Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ доир ба масъалаҳои зерин метавонад қарор қабул намояд:

– таъсис ва барҳам додани воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва тағйири онҳо;
– интихоб ва бозхонди раис, муовинон ва судяҳои Суди конституцсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бо пешниҳоди Президент;
– ҳалли масъалаи бекор кардани дахлнопазирии раис, муовинон ва судяҳои Суди конституцсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ;
– ризоият барои таъин ва озод намудани Прокурори генералӣ ва муовинони ӯ;
– амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки Конституцсия ва қонунҳо муайян кардаанд.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар доираи салоҳияти худ қарорҳо қабул менамояд. Мисол, Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Созишномаи грантӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ширкати саҳомии холдингии кушодаи “Барқи тоҷик” ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд оид ба лоиҳаи “Паст намудани талафоти қувваи барқ дар вилояти Суғд” аз 17 январи соли 2013, таҳти №1047. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои зерин қарор қабул карда метавонад:

– таъсиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоб ва бозхонди раис, муовин ва аъзои он бо пешниҳоди Президент;
– ба муҳокимаи халқ пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳои муҳими давлатию ҷамъиятӣ;
– тасдиқи барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
– ризоият ба додугирифти қарзи давлатӣ;
– тасдиқ ва бекор кардани шартномаҳои байналмилалӣ;
– таъйини раъйпурсӣ;
– таъсиси судҳо;
– тасдиқи рамзҳои давлатӣ;
– тасдиқи мукофотҳои давлатӣ;
– тасдиқи фармонҳои Президент дар бораи таъйин ва озод намудани раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯ;
– муқаррар намуданн рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо ва унвонҳои махсус;
– муайян намудани маоши Президент.

Қарори Маҷлиси намояндагон бо тарафдории аксарияти шумораи вакилон қабул мегардад.

2. Тибқи қисми моддаи тафсиршаванда Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусияти фардӣ ва ташкилию амрдиҳӣ доранд, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ намебошад. Мисол, Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби инъикоси кори ҷаласаи сеюми якҷояи Маҷли-

си миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум" аз 20 апрели соли 2013, таҳти №26, ё ин ки Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ҳолати назорат ва риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2006" аз 30 апрели соли 2007, таҳти №326, ё Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба таъйин намудани Давлатов Д.А. ба вазифаи раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 5 сентябри соли 2012, таҳти №903.

Моддаи 20. Фармон ва амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузорӣ дар доираи салоҳияти худ фармон мебарорад ва амр медиҳад.

2. Санади меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли фармон бароварда мешавад.

3. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусияти фардӣ доранд ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрӣ намебошанд.

1. Моддаи тафсиршаванда намуди санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти баровардан дорад, пешбинӣ намудааст. Мутобиқи Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент дар доираи салоҳияти худ ду намуд санад мебарорад: яке фармон, дигаре амр. Бояд қайд кард, ки санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи санадҳои зерқонунӣ дохил мегардад, яъне дар асос ва ҷиҳати иҷрои санадҳои қонунгузорӣ бароварда мешавад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ вобаста ба масъалаҳои зерин метавонад фармон барорад:

– сарвазир ва дигар аъзои ҳукуматро таъйин ва озод мекунад;
– раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро таъйин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси дахлдори вакилони халқ пешниҳод менамояд;
– санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҳангоми мухолифати онҳо ба Конституция ва қонунҳо бекор мекунад ва ё бозмедорад;
– раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯро таъйин ва озод мекунад ва фармонро ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;
– номзадии раис, муовинон ва судяҳои Суди конституционӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодиро барои интихоб ва бозхонд ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод менамояд;
– Бо ризоияти Маҷлиси миллӣ Прокурори генералӣ ва муовинони ӯро таъйин ва озод мекунад;
– Дастгоҳи иҷроияи Президентро таъсис медиҳад;
– Шӯрои амниятро таъсис ва роҳбарӣ мекунад;
– Шӯрои адлияро таъсис медиҳад;
– Судяҳои суди ҳарбӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ва судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанберо бо пешниҳоди Шӯрои адлия таъйин ва озод мекунад;
– раъйпурсӣ, интихоботи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ва мақомоти намояндагии маҳаллиро таъйин мекунад;
– сарони намояндагиҳои дипломатиро дар давлатҳои хориҷӣ, намояндаҳои ҷумҳуриро дар ташкилотҳои байналмилалӣ таъйин ва озод мекунад;
– дар саросари ҷумҳурӣ ва ё дар маҳалҳои алоҳидаи он вазъияти фавқулода эълон намуда, фармонро фавран ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд ва ба Созмони Милали Муттаҳид хабар медиҳад;
– бо рутбаҳои олии ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо ва унвонҳои махсус сарфароз мегардонад;
– шаҳрвандонро бо мукофотҳои давлатӣ, ҷоизаҳои давлатӣ, нишонҳо ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон сарфароз мегардонад;

Бояд қайд кард, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида баъд аз

имзо, нашр карда мешавад. Мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 сентябри соли 2009, таҳти №706 "Оид ба тасдиқ намудани «Тартиби интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» фармонҳои Президент дар давоми 10 рӯз баъд аз ба имзо расидани онҳо дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» ба таври расмӣ интишор карда мешаванд ва аз рӯзи интишори расмӣ эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунанд.

2. Мувофиқи қисми 2 моддаи тафсиршаванда Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии худро дар шакли фармон мебарорад. Мисол, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими муомилоти маҳсулоти тамоку" аз 28 январи соли 2013, таҳти №1401.

3. Қисми 3 моддаи тафсиршаванда санадҳои Президентро, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ намебошанд, пешбинӣ намудааст. Бачунин санадҳо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусияти фардӣ дорад ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд. Бояд қайд кард, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фармонҳое мебарорад, ки ҳам хусусияти меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам хусусияти ғайримеъёрӣ дорад. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусияти фардӣ доранд, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ намебошанд. Мисол: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон таъйин намудани Тағоев Р." аз 29 октябри соли 2011, таҳти №1159. Амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти ҳуқуқӣ (ғайримеъёрӣ) доранд ва аз ин сабаб ба гурӯҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил намегарданд. Мисол, Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи гузаронидани Наврӯзи Аҷам дар соли 2010 дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон" аз 13 ноябри соли 2009, таҳти №АП-1124.

Моддаи 21. Қарор ва фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асос ва барои иҷрои Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузорӣ ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор ва фармоиш қабул мекунад.

2. Санади меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

3. Қарорҳои хусусияти фардидошта ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрӣ намебошанд.

Моддаи тафсиршаванда ба муқаррар намудани доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқие бахшида шудааст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро барои амалӣ намудани салоҳиятҳои худ қабул менамояд. Қисми якуми моддаи тафсиршаванда се ҳолати асосӣ: намуд, асос ва мақсаду самти амали санадҳои қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар намудааст. Чунончӣ муқаррар шудааст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асос ва барои иҷрои Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузорӣ ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор ва фармоиш қабул мекунад. Яъне, тавре аз моҳияти муқаррароти мазкур бармеояд, асоси қабули қарор ва фармоишҳои Ҳукумат, Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаҳои дахлдор пешбинӣ менамоянд, мебошанд.

Дар қисми якуми моддаи тафсиршаванда пеш аз ҳама ҳамчун асоси қабули санадҳои Ҳукумат, Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки дуруст мебошад. Зеро Конституция асоси фаъолият ва салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар худ таҷассум намудааст. Боби панҷуми Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазъи ҳуқуқии Ҳукумат бахшида шуда, дар моддаи 74 он муқаррар шудааст, ки Ҳукумат мувофиқи Конституция ва қонунҳои ҷумҳурӣ қарор мебарорад ва фармоиш медиҳад, ки иҷрои онҳо дар қаламрави Тоҷикистон ҳатмист. Инчунин, Конституцияи кишвар дар боби алоҳида маҷмӯи салоҳиятҳои Ҳукуматро муқаррар намудааст, ки дар асос ва ё иҷроиши онҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар

шакли қарор ва ё фармоиш қабул менамояд. Ҳамчунин, моддаи 29 Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ ба санадҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст ва дар он мушаххас, ҳолатҳо ва табиати ҳуқуқии қарор ва фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд.

Инҷо метавонад савол ба вуҷуд ояд, ки ба сифати дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки моддаи тафсиршаванда барои Ҳукумат ҷиҳати қабули қарор асос мегарданд, кадомҳоанд? Ба ин савол қисми якуми моддаи 29 Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» посухи мушаххастар додаст. Дар он муқаррар гардидааст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Конституцсия, ҳамин Қонуни конституцсионӣ ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳо ва фармоишҳо қабул мекунад, ки иҷрои онҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист.

Аз ин хотир метавон якчанд санади меъёрии ҳуқуқиро номбар намуд. Чунончӣ тавре ишорааш дар боло рафт, Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро метавон номбар намуд, ки пурра ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Инчунин, дигар қонунҳои соҳавӣ низ амал менамоянд, ки ваколатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин ё он самт муқаррар намудаанд. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон»-ро метавон номбар намуд, ки дар моддаи 8 салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба таври мушаххас баён гаштааст.

Ҳамин гуна санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки салоҳиятҳои Ҳукуматро дар самтҳои гуногун муқаррар намудаанд ва онҳо барои Ҳукумат асоси қабули санадҳои дар моддаи тафсиршаванда баёнгашта мегарданд, зиёданд. Инчунин, дигар санадҳо, ки ба сифати асоси қабули санадҳои Ҳукумат баромад менамоянд, номбар гадидааст, ки фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Дар қисми якуми моддаи тафсиршаванда қабули ду намуди санад аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст: қарор ва фармоиш. Мазмун, хусусият ва ҳолатҳои қабули қарор ва фаромиш дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи мазкур пешбинӣ шудааст, ки онро дар тафсири қисмҳои мазкур тавзеҳ хоҳем дод.

Қисми дуюми моддаи тафсиршаванда шакли санади меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар менамояд, ки он қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бояд иброз дошт, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби қабули худро доранд. Яъне онҳо дар маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд ва Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар онҳо имзо мегузорад.

Қарорҳои Ҳукумат бо забони давлатӣ, яъне забони тоҷикӣ (инчунин бо забони русӣ) қабул карда мешаванд ва дар нашрияҳои расмӣ чоп карда мешаванд.

Ҳамчунин, бояд гуфт, ки дар Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби таҳия ва қабули қарорҳои Ҳукумат ба таври муфассал мавриди танзим қарор гирифтаанд.

Тибқи моддаи 23 Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳангоми зарурат, бо иҷозати хаттии Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ё бо супориши ӯ, бо иҷозати хаттии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи масъалаҳои алоҳидаи хусусияти оперативӣ дошта, мумкин аст бе гузаронидани маҷлис бо роҳи пурсиши хаттии аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарафдории аз нисф зиёди аъзои Ҳукумат қабул карда шаванд.

3. Қисми 3 моддаи тафсиршаванда ба танзими масоили вобаста ба хусусияти санадҳои Ҳукумат дар шакли қарорҳои хусусияти фардидошта ва фармоиш бахшида шуда, дар он гуфта мешавад, ки қарорҳои хусусияти фардидошта ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрӣ намебошанд. Зеро санади Ҳукумат дар шакли қарор, ки хусусияти фардӣ дорад, сандаи меъёрию ҳуқуқӣ набуда, қоидаи умумиро барои доираи васеъи иштирокчиён пешбинӣ наменамояд. Масалан, ба қатори ин гуна қарорҳои Ҳукумат метавон қарорҳоеро номбар намуд, ки ба таъйин намудани ягон шахс ба мансаби давлатӣ рабт дошта бошад ва ҳамин гуна қарор нисбати танҳо як нафар ҳолати ҳуқуқиро пешбинӣ намояд.

Фармоишҳои Ҳукумат низ санадҳои ғайримеъёрӣ мебошанд. Ҳолат ва асоси қабули фармоиш ин мавҷудияти масъалаҳои таъҷилӣ

ва дигар масъалаҳои ҷорӣ, ки хусусияти меъёрӣ надоранд, мебошанд. Тибқи моддаи 29 Қонуни конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» санадҳо оид ба масъалаҳои таъҷилӣ ва дигар масъалаҳои ҷорӣ, ки хусусияти меъёрӣ надоранд, дар шакли фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд. Номи санади меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бозгӯи хусусияти санад мебошад, ки онҳоро аз ҳамдигар фарқ мекунонад.

Моддаи 22. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ

1. Вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ дар асос ва барои иҷрои Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузорӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияташон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул мекунанд.

2. Вазоратҳо ва дигар мақомоти давлатӣ санади меъёрии ҳуқуқиро дар шакли фармоиш, кумитаҳои давлатӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон дар шакли қарор қабул мекунанд.

3. Барои ҳалли масъалаҳои таъҷилӣ ва дигар масъалаҳои ҷорӣ роҳбарони вазоратҳо, дигар мақомоти давлатӣ фармоишҳо ва кумитаҳои давлатӣ қарорҳои хусусияти меъёрӣ надошта қабул мекунанд.

Моддаи мазкури тафсиршаванда, шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, ки баҳри иҷроиши вазифаҳои бар зиммаашон вогузоргашта қабул менамоянд, муқаррар намудааст. Қисми якуми моддаи тафсиршаванда се ҳолатро муқаррар намудааст: асос, мақсад ва шакли санадҳое, ки аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ қабул мегарданд.

Тавре аз моҳияти моддаи тафсиршаванда бармеояд, санадҳои меъёрии ҳуқуқии ин мақомоти давлатӣ аз Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузорӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, ҳамзамон баҳри иҷроиши муқаррароти ин санадҳо нигаронида мешаванд.

Тавре маълум аст, барои тамоми мақомоти дар моддаи тафсиршаванда номбаршуда Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси салоҳият барои қабули ин ва ё он санад мебошад. Зеро дар он меъёрҳое муқаррар карда шудаанд, ки вазорату кумитаҳо ва дигар мақомоти давлатӣ мебояд барои татбиқи онҳо санадҳои дахлдор қабул намоянд. Инчунин, дар моддаи тафсиршаванда дигар сарчашмаи қабули санадҳо нишон дода шудааст, ки инҳо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд. Инҷо низ саволи матраҳ ин аст, ки қонунгузор зимни таҳия ва қабули қонун зери мафҳуми дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки асоси қабули санади вазорату кумитаҳо ва дигар мақомоти давлатӣ мегарданд, кадом санадҳоро дар назар дорад ва ҳамзамон, қабули санади ин мақомоти давлатӣ баҳри иҷроиши кадом санадҳо равона карда мешавад?

Бояд гуфт, ки ин санадҳо сар карда аз қонунҳо то ба фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рафта мерасанд. Барои мисол аз ҳар яки ин санадҳо барои тавсеаи фикр метавон мисол овард. Масалан, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки салоҳияти вазорату кумитаҳои давлатиро дар самтҳои дахлдор муқаррар ва тақозо менамоянд, ки вазоратҳо ва кумитаҳои давлатӣ баҳри иҷроиши муқаррароти ин гуна қонунҳо санадҳои дахлдор қабул намоянд.

Қисми дуюми моддаи тафсиршаванда ба муқаррар намудани шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомотҳои дар моддаи мазкур зикршаванда ва ҷудо намудани санадҳои ин мақомотҳо нигаронида шудааст. Қонунгузор дар ин модда кӯшиш ба харҷ додааст, ки шакли санади меъёрии ҳуқуқии як мақомоти давлатиро аз дигараш фарқ кунонад, зеро вобаста аз вазъи ҳуқуқии мақомоти давлатӣ, санади қабулнамудаи он, ки дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад, фарқ карда шаванд. Аз ин рӯ, муқаррар карда шудааст санаде, ки вазоратҳо ва дигар мақомоти давлатӣ қабул менамоянд, фармоиш мебошад. Аммо санаде, ки кумитаҳои давлатӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон қабул менамоянд, дар шакли қарор мебошанд.

Аммо бояд зикр намуд, ки дар қисми дуюми моддаи тафсиршаванда дар қатори вазоратҳо ва кумитаҳои давлатӣ, инчунин дигар мақомоти давлатӣ калимаҳои «Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» истифода карда шудааст, ки шакли ташкилию ҳуқуқии бонки мазкурро зери суол мебарад. Зеро тавре баён карда шудааст, гӯё Бонки миллии Тоҷикистон ба доираи ҳеҷ кадоме аз мақомоти дар қисми якуми модда номбаршуда ворид намешавад ва қонунгузор маҷбур шудааст, ки онро дар алоҳидагӣ ишора намояд. Ҳатто дар қисми сеюми моддаи тафсиршаванда дигар калимаи «Бонки миллии Тоҷикистон» истифода нагаштааст, ки ин ҳолат бори дигар чандин саволро дар зеҳни хонанда бедор месозад.

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки кадом мақомот салоҳияти қабули чӣ гуна санадро доро мебошад, меъёри мазкур муқаррар намудааст.

Қисми сеюми моддаи мазкур қисмҳои якум ва дуюми моддаро равшану возеҳтар намуда, ҳолати қабул намудани санадҳои хусусияти меъёрӣ надоштаро пешбинӣ менамояд. Ин аст, ки муқаррароти мазкур пешбинӣ намудааст барои ҳалли масъалаҳои таъҷилӣ ва дигар масъалаҳои ҷорӣ роҳбарони вазоратҳо, дигар мақомоти давлатӣ фармоишҳо ва кумитаҳои давлатӣ қарорҳои хусусияти меъёрӣ надошта қабул мекунанд.

Моддаи 23. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе

1. Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе дар асос ва барои иҷрои Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузорӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияташон санади меъёрии ҳуқуқиро дар шакли қарор қабул мекунанд.

2. Қарорҳои хусусияти фардӣ ва ташкилию амрдиҳидоштаи Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва амрҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе санади меъёрӣ намебошанд.

Номи моддаи тафсиршаванда ду категорияи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро пешбинӣ намудааст. Якум, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанберо ҳамчун мақомоти маҳаллии намояндагӣ қабул менамоянд ва дуюм санадҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанберо ҳамчун санади раиси мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ.

Саволи матраҳ ин аст, ки зери мафҳуми маҷлисҳои вакилони халқи ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе чи гуна мақомот фаҳмида мешавад ва зери мафҳуми раисони ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе чи гуна шахси мансабдор фаҳмида мешавад.

Аз ин рӯ, бояд дар назар дошт, ки Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд, ки аз тарафи интихобкунандагони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе интихоб шуда, дар доираи ваколати худ масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллиро ҳал мекунанд.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия – намояндаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти иҷроияро дар маҳал амалӣ менамояд, мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар воҳидҳои марзию маъмурии дахлдор сарварӣ мекунад (моддаи 18 Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ»).

Қисми якуми моддаи тафсиршаванда муқаррар менамояд, ки Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе дар асос ва барои иҷрои Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузорӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияташон санади меъёрии ҳуқуқиро дар шакли қарор қабул мекунанд. Яъне, ин ҷо низ қоидаи маъмулии муқаррар намудани асоси қабули санад, мақсади қабули санад ва муқаррар намудани

шакли санади аз ҷониби ин мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ қабулшаванда, риоя гаштааст. Зеро, тибқи моддаи 76 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти маҳаллӣ аз мақомоти намояндагӣ ва иҷроия иборат буда, дар доираи салоҳияти худ амал мекунанд. Онҳо иҷрои Конституция, қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, карорҳои Маҷлиси намояндагон, санадҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамоянд. Тавре аз муқаррароти мазкури конституционӣ бармеояд, ҳам асоси қабули санад ва ҳам мақсади қабули санади мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ низ аз ҳамин муқаррарот сарчашма мегирад.

Ҳамзамон, муқаррароти мазкур шакли санади мақомоти намояндагии маҳаллиро муқаррар намудааст, ки он қарор мебошад.

Бояд иброз дошт, ки вобаста ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки санадҳоро қабул менамоянд, онҳо ба санадҳои мақомоти намояндагӣ ва санадҳои мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ҷудо карда мешаванд.

Тибқи тақсимоти мазкур маҷлиси маҳаллии вакилони халқи ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе қарор ва Раисони ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе низ дар доираи салоҳияти худ қарор қабул мекунанд, ки иҷроиши ин санадҳо дар ҳудуди марзию маъмурии дахлдор ҳатмӣ мебошанд.

Оид ба тартиби қабули қарорҳои Маҷлиси вакилони халқ бояд иброз дошт аз рӯи масъалаҳое, ки дар маҷлис муҳокима карда мешаванд, Маҷлиси вакилони халқ бо овоздиҳии ошкоро ё пинҳонӣ, бо тарафдории аз нисф зиёд ё аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон қарор қабул менамояд.

Моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ» санади дигари раисони ВМКБ, вилоятҳо ва шҳри Душанберо пешбинӣ кардааст, ки он амр мебошад ва он дар қисми якуми моддаи тавфсиршаванда номбар карда нашудааст. Аммо бояд дар хотир дошт, ки инҷо ихтилофи муқаррароти ду қонун набуда, сабаби ин гуна баёнро аз қисми дуюми моддаи тафсиршаванда фаҳмидан мумкин аст.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе бояд ба вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баҳисобгирии давлатӣ, санҷиш ва бақайдгирӣ фиристода шаванд.

Иҷрои санадҳои дар доираи ваколати худ қабулкардаи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе дар ҳудуди марзию маъмурии дахлдор ҳатмӣ мебошад. Раис метавонад санадҳои худро тағйир диҳад ва ё бекор кунад.

Санади раис аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси болоӣ, худи раис, Маҷлиси вакилони халқи дахлдор, инчунин аз тарафи суд дар сурати ба Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накардани он, пурра ё қисман бекор карда мешавад.

2. Қисми дуюми моддаи мазкури тафсиршаванда муқаррар менамояд, ки қарорҳои хусусияти фардӣ ва ташкилию амрдиҳидоштаи Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва амрҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе хусусияти меъёрӣ надоранд. Аз ҳамин лиҳоз онҳо санади меъёрӣ намебошанд.

Хусусияти санадҳое, ки хусусияти фардӣ ва амрдиҳию ташкилӣ доранд дар он аст, ки қоидаҳои умумиҳатмиро пешбинӣ наменамоянд.

Моддаи 24. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳия ва раисони шаҳру ноҳия

1. Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳия ва раисони шаҳру ноҳия дар асос ва барои иҷрои Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузорӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе дар доираи салоҳияташон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул мекунанд.

2. Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо ва раисони шаҳру ноҳияҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар шакли қарор қабул мекунанд.

3. Қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳия, ки хусусияти фардӣ ва ташкилию амрдиҳӣ доранд ва амрҳои раисони шаҳру ноҳияҳо санадҳои меъёрӣ намебошанд.

Номи моддаи мазкури тафсиршаванда низ ду категорияи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро пешбинӣ намудааст. Якум, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳия ҳамчун мақомоти намояндагии маҳаллӣ ва дуюм санадҳои раисони шаҳру ноҳияро ҳамчун санади раиси мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо.

Қисми якуми моддаи тафсиршаванда муқаррар менамояд, ки Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо ва раисони шаҳру ноҳияҳо дар доираи салоҳияташон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул менамоянд, ки он санадҳо бевосита дар қисми дуюми моддаи тафсиршаванда оварда шудааст. Дар қисм якуми моддаи тафсиршаванда асоси қабули санади маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо ва раисони шаҳру ноҳияҳо нишон дода шудааст, ки инҳо пеш аз ҳама Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд. Ҳамчунин, бояд дар хотир дошт, ки санадҳои ҳам маҷлисҳои вакилони халқ ва раисони шаҳру ноҳияҳо баҳри иҷроиши муқаррароти дахлдори ҳамин санадҳои дар боло зикрёфта равона гардидаанд. Конституция барои ҳарду мақомоти дар боло зикрёфта асоси фаъолият ба ҳисоб меравад. Зеро боби шашуми Конституцияи кишвар ба масъалаи Ҳокимияти маҳаллӣ бахшида шудааст, ки барои фаъолияти маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, ҳамчун мақомоти намояндагӣ ва раисони шаҳру ноҳияҳо ҳамчун амаликунандаи ҳокимияти иҷроия асос мегузорад. Ҳамчунин, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро низ моддаи тафсиршаванда ба сифати асос ва баҳри иҷроиш пешбинӣ менамояд. Аммо бояд зикр намуд, ки кадом санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ҳамчун асос дар назар дорад, номбар карда нашудааст. Аз ин рӯ, барои фаҳмо шудани ин ибора метавон ба сифати чунин санад Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»-ро номбар намуд, ки тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро танзим мекунад. Ҳамин гуна санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастанд, ки барои фаъолияти маҷлисҳои вакилони халқ ва раисони шаҳру ноҳияҳо асоси ҳуқуқии фаъолияти онҳо мебошанд.

Ҳамчунин, дар қисми якуми моддаи тафсиршаванда ба сифати асоси қабули санад барои Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо ва раисони шаҳру ноҳияҳо ва баҳри иҷроиши онҳо қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ва раисони шаҳру ноҳияҳо низ пешбинӣ гардидааст, ки дар хусуси онҳо дар тафсири моддаи қаблӣ ибрози ақида карда будем.

Тибқи муқаррароти қисми дуюми моддаи тафсиршаванда шакли санади қабулнамудаи ҳам маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳия ва ҳам санади меъёрии ҳуқуқии раисони шаҳру ноҳияҳо қарор мебошад.

Масъалаҳои вобаста ба санади мақомоти маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо дар моддаи 9 Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» муқаррар карда шудаанд. Тибқи он маҷлиси вакилони халқи шаҳр ва ноҳия дар доираи ваколати худ қарор қабул мекунанд.

Қарорҳои Маҷлиси вакилони халқ, ки дар ҳудуди дахлдор дорои хусусияти умумиҳатмӣ мебошанд, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баҳисобгирии давлатӣ, санҷиш ва бақайдгирӣ фиристода мешаванд.

Иҷрои қарорхои Маҷлиси вакилони халқ, ки дар доираи ваколаташон қабул шудаанд, дар ҳудуди дахлдор барои мақомоти давлатӣ, корхонахо ва ташкилотҳо новобаста аз тобеияти идоравӣ, шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликияташон, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ҳатмӣ мебошад. Маҷлиси вакилони халқ метавонад қарорҳои худро тағйир диҳад ва ё бекор кунад.

Дар сурати ба Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накардани санадҳои Маҷлиси вакилони халқ, онҳо аз тарафи худи Маҷлиси вакилони халқ, мақомоти болоӣ ва ё суд бекор карда мешаванд.

Ҳамчунин, моддаи 19 Қонуни конституцсионии дар боло зикрёфта санадҳои раисони шаҳр ва ноҳияро дар шакли қарор пешбинӣ намудааст. Дар қисми дуюми он зикр шудааст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии раиси шаҳр ва ноҳия дар шакли қарор қабул карда мешаванд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии раиси шаҳр ва ноҳия бояд ба вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баҳисобгирии давлатӣ, санҷиш ва бақайдгирӣ фиристода шаванд. Раис метавонад санадҳои худро тағйир диҳад ва ё бекор кунад.

Санади раис аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси болоӣ, худи раис, Маҷлиси вакилони халқи дахлдор, инчунин аз тарафи суд дар сурати ба Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накардани он пурра ё қисман бекор карда мешавад.

Тибқи муқаррароти қисми сеюми моддаи тафсиршаванда, метавонад як қатор қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳия ва раисони шаҳру ноҳия ҳамчун санади меъёрӣ эътироф карда нашавад. Чунончӣ, қисми сеюми моддаи тафсиршаванда пешбинӣ менамояд, ки қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳия, ки хусусияти фардӣ ва ташкилию амрдиҳӣ доранд ва амрҳои раисони шаҳру ноҳияҳо санадҳои меъёрӣ намебошанд. Яъне, ин санадҳо қоидаи умумиҳатмиро барои доираи номаҳдуди шахсон пешбинӣ нанамуда, барои ҳалли ин ё он масъалаҳои мушаххас қабул мешаванд.

Масъалаи мазкур дар қисми 3 моддаи 19 Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ» ба тариқи зайл баён гаштааст, ки қарорҳои хусусияти фардӣ ва ташкилии амрдиҳӣ дошта, инчунин амрҳои раисони шаҳру ноҳияҳо санадҳои меъёрӣ намебошанд. Аммо дар моддаи 9 қонуни конституцсионии дар боло зикрёфта, ки махсус ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ бахшида шудааст, умуман гуфта нашудааст, ки кадом намуди санади ин мақомот хусусияти меъёрӣ надорад ва ё умуман қайд нагардидааст, ки маҷлисҳои маҳалии вакилони халқ метавонанд қарорҳои хусусияти фардидошта қабул намоянд. Танҳо дар он гуфта мешавад, ки маҷлиси вакилони халқ метавонад муроҷиатнома ва изҳорот қабул намояд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки масъалаи мазкурро то андозае моддаи тафсиршаванда равшану возеҳ гардонида, қабули қарори маҷлисҳои вакилони халқро, ки дорои хусусияти фардӣ дошта бошанд, имконпазир гардонидааст.

Моддаи 25. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

1. Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар асос ва барои иҷрои Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузорӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи салоҳияташ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул мекунад.

2. Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот санади меъёрии ҳуқуқиро дар шакли қарор қабул мекунад.

3. Қарорҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки хусусияти фардӣ ва ташкилию амрдиҳӣ доранд, санадҳои меъёрӣ намебошанд.

1. Моддаи мазкур ба танзими ҳуқуқии санадҳое, ки аз ҷониби мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот қабул мешаванд, бахшида шудааст. Мақоми худидоракунии шаҳрак ва деҳот – Ҷамоат (Ҷамоати шаҳрак ва Ҷамоати деҳот) мебошад, ки аз ҷониби интихобкунандагони шаҳрак ва деҳот интихоб шуда, масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллиро дар доираи ваколатҳои худ ҳал мекунад. Яъне, дар моддаи мазкур сухан дар бораи санадҳои ҷамоати шаҳраку деҳот меравад, ки дар асос ва барои иҷрои Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузорӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи салоҳияташ қабул менамояд.

Беҳуда нест, ки қонунгузор ба сифати санади асосие, ки асоси қабули санади мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот мебошад, Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷои аввал номбар намудааст. Зеро моддаи 78 Сарқонуни кишвар ба масъалаи худидоракунии шаҳраку деҳот бахшида шуда, дар он зикр гаштааст, ки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷамоат аст, ки тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти онро қонун танзим менамояд.

Аз муқаррароти мазкури конституцсионӣ метавон асоси дигари қабули санади мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳотро муқаррар намуд, ки он Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» мебошад, ки муносибатҳои ҷамъи-

ятиро оид ба ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро танзим намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва молиявии онро муайян менамояд. Ҳамчунин, метавон иброз дошт қонуни мазкур ваколатҳои ҷамоатро дар самтҳои мухталиф муқаррар намудааст, ки ин ҳолат ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот имкон медиҳад, ки баҳри татбиқи ин ваколатҳо санади дахлдор қабул намоянд.

Қисми якуми моддаи тафсиршаванда дигар асосҳои қабули санадро дар шакли фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ намудааст, ки онҳо дар моддаи қаблӣ тавзеҳ дода шудаанд.

Қисми дуюми моддаи тафсиршаванда шакли санади меъёрии ҳуқуқие, ки аз ҷониби мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, яъне ҷамоати шаҳраку деҳот қабул карда мешаванд, дар шакли қарор муқаррар намудааст.

Ҳамчунин, масъалаи мазкур дар моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» низ мавриди танзим қарор гирифтааст. Дар он гуфта мешавад, ки Ҷамоат оид ба масъалаҳои салоҳияти худ қарор қабул мекунад.

Қисми сеюми моддаи тафсиршаванда муқаррар менамояд, ки қарорҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки хусусияти фардӣ ва ташкилию амрдиҳӣ доранд, санадҳои меъёрӣ намебошанд, яъне санадҳое, ки аз ҷониби ин ҷамоати шаҳраку деҳот қабул шаванд, ки нисбати як нафар амал намояд ва ё иҷрои амалеро муқаррар намояд, бо назардошти хусусияташон санади меъёрӣ намебошанд.

Моддаи 26. Дастур, низомнома, оиннома

1. Дастур санади меъёрии ҳуқуқиест, ки тартиби фаъолияти ягон мақоми давлатӣ ва ё воҳиди сохтории онро танзим менамояд.

2. Низомнома санади меъёрии ҳуқуқиест, ки ба таври дақиқ вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти мақомоти давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онҳо, ҳамчунин муносибатҳои мутақобилаи онҳоро бо дигар мақомот, ташкилот, муассисаҳо ва шаҳрвандон муайян менамояд.

3. Оиннома санади меъёрии ҳуқуқиест, ки вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти ташкилотҳои давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онҳо, ҳамчунин муносибати онҳоро бо мақомоти давлатӣ, дигар ташкилоту муассисаҳо ва шаҳрвандон муайян менамояд.

4. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии пешбининамудаи моддаи мазкур тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар моддаҳои 19-25 Қонуни мазкур пешбинишуда қабул ва тасдиқ гардида, бо онҳо воҳиди томро ташкил медиҳанд.

Моддаи мазкур доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро муқаррар менамояд, ки онҳо аз лиҳози танзим хусусияти муқаррар намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ, муқарраркунандаи сохтор, пешбиникунандаи доираи ваколату салоҳият ва ғайра мебошанд, ки ҳар як санадро бо хусусияти хоси худаш аз дигар санади меъёрӣ фарқ мекунонад.

Қисми якуми моддаи тафсиршаванда муқаррар менамояд, ки дастур санади меъёрии ҳуқуқиест, ки тартиби фаъолияти ягон мақоми давлатӣ ва ё воҳиди сохтории онро танзим менамояд. Албатта ин муқаррарот дуруст аст, зеро хусусияти хоси ин санад низ дар аломатҳои хоси он мебошад.

Калимаи дастур аз калимаи лотинии «regula»-и фаронсавии «reglement» гирифта шуда, маънои меъёр, қоида, идора карданро дорад. Дар фарҳангҳо низ дастур ба маънои санади меъёрӣ фаҳмида мешавад, ки муқарраркунандаи тартиби фаъолияти мақомоти давлатӣ мебошад.

Масалан, дастури Маҷлиси миллӣ ва ё Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тартиби фаъолияти ин ду палатаи мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар менамоянд.

Қисми 2 моддаи тафсиршаванда санади меъёрии ҳуқуқиро дар шакли низомнома пешбинӣ намудааст, ки ба таври дақиқ вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти мақомоти давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онҳо, ҳамчунин муносибатҳои мутақобилаи онҳоро бо дигар мақомот, ташкилот, муассисаҳо ва шаҳрвандон муайян менамояд.

Дар фарҳанги калони советӣ мафҳуми «низомнома» тариқи зайл дода шудааст: «Низомнома дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ санади меъёрие фаҳмида мешавад, ки дорои хусусия-

ти маҷмӯӣ, кодификатсионӣ буда, муқарраркунандаи сохтор, функсия ва салоҳияти мақомот, салоҳияти сохтори мақомот ва шахсони мансабдори онҳо мебошад».

Дар нашри дуюми фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ, ки соли 2009 дар шаҳри Душанбе дар нашрияи «ЭР-граф» ба нашр расонида шудааст, мафҳуми «низомнома» тариқи зайл дода шудааст: «Низомнома калимаи арабӣ буда, маънояш тартиб, интизом, услуб аст. Дар амалияи ҳуқуқӣ, дар зери мафҳуми «низомнома» санади меъёрию ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки он вазъи ташкилот, тартиби фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, инчунин муносибатҳои мутақобилаи онҳоро бо дигар мақомот, ташкилот, муассисаҳо ва шаҳрвандон муайян мекунад». Масалан, Низомнома дар бораи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқаррароти қисми дуюми моддаи тафсиршаванда низ тавре баён карда шудааст, ки метавон аз таркиби он хусусиятҳои хоси низомномаро ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ ҷудо намуд, ки инҳоанд: муайянкунандаи вазъи ҳуқуқӣ, муайянкунандаи сохтор, тартиби фаъолияти мақомот ё воҳиди сохтории онҳо, муайянкунандаи муносибати мутақобилаи мақомот бо дигар мақомот, муассиса, ташкилот ва шаҳрвандон. Яъне, ин ҳама хусусиятҳое мебошанд, ки дар маҷмӯъ ба низомнома алоқаманд мебошанд.

Низомнома вобаста аз он, ки ба мақомот вобаста аст ва ё сохтори мақомот тартиби қабули ба худ хос дорад, зеро агар бо тартиби муқарраргардида қабул ва ё тасдиқ карда нашавад, он наметавонад қувваи амал дошта бошад.

Қисми сеюми моддаи тафсиршаванда санади меъёрии ҳуқуқиро дар шакли оиннома пешбинӣ менамояд. Тибқи мафҳуми додаи қонуни мазкур оиннома санади меъёрии ҳуқуқиест, ки вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти ташкилотҳои давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онҳо, ҳамчунин муносибати онҳоро бо мақомоти давлатӣ, дигар ташкилоту муассисаҳо ва шаҳрвандон муайян менамояд.

Оиннома маҷмӯи қоидаҳои танзимкунандаи таъсис ва тартиби фаъолият дар ягон соҳаи муайяни муносибат ва ё ягон мақомоти давлатӣ, муассиса ва ё ташкилот мебошад. Оинномаҳои хусусияти оммавидошта ҳамчун қоидаи мақомоти олии давлатӣ тасдиқ карда мешаванд, оинномаи ташкилотҳои алоҳида аз ҷониби муассисони онҳо ва ё вазорату идораҳои дахлдор тасдиқ карда мешавад.

Ин ҷо низ қонунгузор кӯшиш ба харҷ додааст, ки он хусусиятҳоеро дар муқаррароти мазкур инъикос намояд, ки мебояд оиннома зимни таҳия гаштанаш дар худ дошта бошад. Яъне, пас агар ҳамин тавр бошад, меъёрҳои таркибии оиннома бояд вазъии ҳуқуқии ташкилот, сохтори дохилии он, бо кадом тартиб фаъолият намудани ташкилот ва ё сохтори он, муносибати ташкилотро бо мақомоти давлатӣ, дигар ташкилоту муассисаҳо ва шаҳрвандон муайян менамояд.

Бояд зикр намоем, ки ҳам қонунгузории амалкунанда ва ҳам фарҳангҳои истилоҳоти ҳуқуқ, ки тайи солҳои охир ба нашр расидаанд, натавонистанд баъзе баҳсҳоро, ки дар хусуси фарқияти байни низомнома ва оиннома бо назардошти хусусиятҳои танзимнамоияшон мавҷуданд, хотима бахшанд. Чун инҷо аслан баҳсҳо сари он мавҷуданд, ки кадоме аз инҳо фаъолияти мақомоти давлатиро ба низом медароранд ва кадоме аз онҳо фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатиро ба низом медароранд. Бисёриҳо чунин меҳисобанд, ки бояд фаъолияти мақомоти давлатӣ бо низомнома ва фаъолияти мақомоти ғайридавлатӣ амсоли иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ бо оиннома ба низом дароварда мешавад. Аммо дар асл чунин нест. Ҳатто дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи тафсиршаванда қариб, ки фарқияти ин ду санадро ҳис кардан ғайриимкон аст. Чун дар вакти додани мафҳумҳо ҷои баъзе калимаҳо, ки дар амалия якмаъно фаҳмида мешаванд, иваз шудаасту халос. Фақат дар мафҳуми низомнома калимаҳои «ба таври дақиқ» истифода шудаасту дар мафҳуми оиннома не, ё ин ки дар мафҳуми низомнома калимаҳои «тартиби фаъолияти мақомоти давлатӣ» истифода шудааст ва дар мафҳуми оиннома калимаҳои «тартиби фаъолияти ташкилотҳои давлатӣ» истифода гаштааст. Дар ин ду мафҳум, инчунин дар мафҳуми низомнома калимаҳои «муносибати мутақобилаи онҳоро бо дигар мақомот» истифода шудаасту дар мафҳуми оиннома калимаҳои «муносибати онҳоро бо мақомоти давлатӣ» истифода бурда шудааст. Шояд хусусиятҳои фарққунандаи ин ду санад дар ҳамин фарқиятҳо бошад. Аммо бояд дар назар дошт, ки ин гуна тарзи баён наметавонад, ки бозгӯи хусусияти ҳар кадом бошад. Агар не

ҳадалимкон метавон гуфт, ки барои хонанда бисёр мушкилбаён аст.

Моддаи 53 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкурро дигар хел ҳал намудааст. Дар қисми якуми он гуфта шудааст, ки шахси ҳуқуқӣ дар асоси оиннома ё шартномаи таъсис ва оиннома ва ё танҳо шартномаи таъсис амал мекунад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти тиҷоратӣ намебошад, дар асоси низомномаи умумии ин намуди ташкилот амал карда метавонад.

Чун ба муқаррароти ҷумлаи дуюм таваҷҷуҳ намоем, новобаста аз он ки танзими фаъолияти шахсӣ ҳуқуқиро, ки ташкилоти тиҷоратӣ намебошад, дар амали худ ихтиёр додааст, аз мазмуни он чунин бармеояд, ки муқаррароти мазкур низомномаро хоси ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва оинномаро хоси ташкилотҳои тиҷоратӣ медонад.

Аммо тавре аз моҳияти моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки ба танзими масъалаҳои оинномаи муассисаҳои таълимӣ бахшида шудааст, чунин бармеояд, ки дар ин соҳа фаъолияти ҳам муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ тавассути оиннома мавриди танзим қарор дода мешавад.

